**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 681.3:338(575.3)**
**ТКБ: 73+65.9(2)0(2 тоҷик)**
**М-86**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***



**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ**

# ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Мирсаидов Аврор Бобоевич –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ашуров Ихтиёр Саидович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон<br>**Зиёева Манижа Давроновна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.<br>**Қаюмӣ Шаҳзода Тағо** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”. |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия 30 декабри соли 2025, соати 12:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он тавассути сомонаи https:// www.rtsu.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «_____» _____________ соли 2025 тавзеъ дода шудааст.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабова И.Р.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030) мақсад гузошта шудааст, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ «…бар пояи навовариҳо» [6, с.7] ба роҳ монда мешавад. Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи мазкур дар доираи СМР–2030, се сенарияи рушд пешбинӣ гардида, муҳимтарини он рушди иқтисодиёти миллӣ бо роҳи индустриалию инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакат рушди инноватсионии саноат яке аз самтҳои калидӣ ва афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат, яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ буда, фаъолияти дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба он зич вобаста мебошанд. Амалигардонии сиёсати мазкур дар соҳаи саноат имкон медиҳад, ки низоми миллии инноватсионӣ ва тафаккури саноативу инноватсионии аҳолӣ дар робита бо таҳаввулоти илмию техникии ҷаҳони имрӯза тақвият дода шавад. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: «…саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул гардида, рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори саноатии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад» [13].

Дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми нави иқтисодӣ, ки бо истифодаи технологияи рақамӣ асос ёфтааст, тағйироти куллии институтсионалӣ ба вукуъ омада, омилҳои муҳити рақобат, талаботи зудафзояндаи субъектҳои бозори истеъмолӣ, рушди соҳаи таҳқиқоти илмӣ ва нақши захираҳои инсонӣ ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи иқтисодӣ, рӯ ба афзоиш доранд. Ҳамаи ин омилҳо муҳиммияти идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои муосири саноатиро дучанд мегардонанд. Аз нигоҳи мо, дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар субъектҳои соҳаи саноат ба масъалаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои менеҷменти инноватсионӣ дар раванди истеҳсоли молу маҳсулот таваҷҷуҳи кам зоҳир намудаанд. Илова бар ин, онҳо аз нарасидани кадрҳои соҳибтахассус ва сатҳи баланди маъмурӣ кардашудаи равандҳои истеҳсолӣ танқисӣ мекашанд. Яке аз мушкилоти асосии идоракунии рушди инноватсионӣ бо суръати баланд куҳна гардидани донишҳо ба ҳисоб рафта, барои дуруст қабул намудани қарорҳои идоракунӣ монеа эҷод менамояд.

Дар шароити имрӯза баланд бардоштани сатҳи афзалияти рақобатнокӣ танҳо дар сурати мукаммал гардонидани механизми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати кишвар бо воситаи ҷамъоварӣ, мубодила ва истифодаи донишҳо дар бобати истифодаи афзалиятҳои Индустрияи 4.0 ба даст оварда шуда, он имкон медиҳад, ки аз болои системаи истеҳсолот ва иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби ташкил додани ҳамгироии шабакавӣ назорати зарурӣ бурда шавад. Идоракунии рушди инноватсионии саноати ҷумҳурӣ дар ин вазъият яке аз раванди асосии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, ки равишҳо доир ба татбиқи қарорҳои технологӣ мураттаб сохта шаванд. Дар натиҷа, дониш ва навоварӣ ба яке аз унсурҳои асосии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ табдил меёбанд. Ҳангоми татбиқи амалии стратегияҳои идоракунии рушди инноватсионӣ дар шароити рақамикунонӣ ва Индустрияи 4.0, зарурати қабули қарорҳои оқилона ва самаранок дар самти мукаммал гардонидани ҷанбаҳои технологӣ ва истеҳсолӣ бо истифода аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ ба миён омада, ба ин масъала ҳамчун самти

стратегиии идоракунии инноватсионии соҳаи саноат бояд тавоҷҷуҳ зоҳир гардад. Муҳиммияти ин масъаларо ба инобат гирифта, зарур аст, ки ҷиҳати таҳияи механизмҳои стратегии идоракунии рушди инноватсионӣ дар заминаи равиши ситуатсионӣ (ҳолатӣ) ва татбиқи ҳамаҷонибаи технологияи нав дар соҳаи саноат чораҷӯйӣ карда шавад. Ба ғайр аз ин, тағйироте, ки дар шароти рушди саноатикунонии босуръати кишвар ба вуқуъ меоянд, тақозо менамоянд, ки доир ба рушди методология ва афзорҳои идоракунии рушди инноватсионӣ корҳои назарраси илмӣ анҷом дода шаванд. Назария ва амалияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат системаи андешаҳо ва принсипҳоро дар бар мегирад, ки онҳо ба рушди инноватсионӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ дар соҳаи мазкур равона карда шудаанд. Ин тарзи тафаккуре мебошад, ки бо идоракунии руҳияи соҳибкорӣ, ки ба эҷоди технологияи нав, истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ва пешкаш намудани онҳо ба бозор зич вобаста мебошад.

Мусаллам аст, ки имрӯзҳо низоми идоракунии соҳаи саноат дар марҳилаи нави рушди иқтисодиёти ҷаҳон, ки бештар ба насли панҷум ва шашуми технологӣ такя мекунад, қарор гирифтааст. Чунин ҳолат аз субъектҳои иқтисодии соҳаи саноат тақозо менамояд, ки онҳо барномаҳои истеҳсолии худро бо дарназардошти дастовардҳои ҷадиди замони нав, ки бо нанотехнология, био-технология, зеҳни сунъӣ ва ғайра асос ёфтаанд, омода ва дар амал татбиқ намоянд. Дар ин маврид корхонаҳои саноатии Тоҷикистон истисно намебошанд.

Бинобар ин, ҳалли муаммоҳои илмии дар боло зикрёфта дар масъалаҳои идоракунии рушди инноватсионии саноати мамлакат аҳаммияти хосса пайдо намуда, татбиқи сиёсати инноватсионии давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти ин, мавзуи интихобгардида рӯзмарра буда, дорои аҳаммияти муҳимми назариявию методологӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ ва масъалаи идоракунии сиёсати саноатӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёди классику муосири хориҷиву ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Тибқи мушоҳидаҳо, доир ба паҳлуҳои гуногуни рушди фаъолияти инноватсионӣ дар адабиёти иқтисодии ҷаҳонӣ ва ватанӣ диққати хосса дода шудааст.

Масъалаҳои умумӣ ва хосси назария ва амалияи рушди инноватсионӣ ва татбиқи принсипҳои он дар соҳаи саноат дар таҳқиқоти олимони зерини ватанӣ инъикос ёфтаанд: Қаюмов Н.Қ., Комилов С.Ҷ., Мирсаидов А.Б., Низомова Т.Д., Ризоқулов Т.Р., Файзуллоев М.К., Раҷабов К.Р., Ҷурабоев Ғ., Саидмуродов Л.Х., Каримова М.Т., Пулатова И.Р., Қодиров Ф.А., Маҳкамов Б.Б., Ҳоҷиматова Х.Р., Ҷумаев У.М., Нурдинов Б.Х., Раҳмонов Ҷ.Р., Қодирзода Ш.А., Хоҷаева З.С., Марипова Ф.А., Нуров П. ва дигарон.

Назарияи умумии инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ, ба монанди Шамхалов Ф.И., Крупнов Ю., Быдтаева Э.Б., Сухарев О.С., Санжина О.П., Бадараева Р.В., Клейнер Г.Б., Тамбовцев В.Л., Качалов Р.М., Плохотникова Г.В., Безуглая А. Д., Казакова Т.П., Сафиуллин Н.З., Сафиуллин Л.Н., Портер М. ва Шумпетер Й. ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

Ҷанбаҳои методологии рушди соҳаи саноат дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла: Комилов С.Ҷ., Мадаминов А.А., Саидова М.Ҷ., Раҳмонов Ҷ.Р., Тагаева Г.М., Қаюмова М.Х., Иброҳимов И.Р., Баҳриддинзода П.М. ва олимони хориҷӣ Козловский А.В., Моисеенко Н.А. Астафьева О.Е., Белякова Е.В., Беляков Р.А.,

Житяева О.И., Мансуров Р.Е. ва дигарон мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Масоили ҳамгироии инноватсионӣ ва тақвияти идоракунии инноватсионии рушди низоми саноатӣ дар корҳои муҳақиққони ватанӣ, аз ҷумла Раҳимов Т.Р. Қурбонов А.Ш., Ғаюров Л., Асоев Ҳ.М., Раҳимзода Ш., Миралиев К.Х., Алибаева М.М., Солиҳзода С.Ҳ., Дӯстматов Б.М., Бобомуродов П.У., Қаюмова М.Х., Дӯсталиев С.Т. ва пажуҳишгарони хориҷӣ Шумпетер И., Портер М., Уколов В.Ф., Галайда В.А., Мазин С.С., Гунин Н.В., Низамутдинов М.М., Орешников В.В., Иващенко Н.С., Зайтсев А.В., Иванов И.В., Баранов В.В., Григорьев С.Н., Кутин А.А., Карпова В.Б., Мурадов А.А. ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва рушди идоракунии инноватсионӣ ва рақамикунонии соҳаи саноат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ, аз ҷумла Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Каримова М.Т., Дадоматов Д.Н., Низомов С.Ф., Нурдинов Б.Х., Солиев Ш.Х., Низомова Ш.Ю., Зиёева М.Д., Қаюмӣ Ш.Т., Ғафоров Ф.М., Мирзо Х.Ф., Ҳамидова Ф.Х., Аскарова С.С. ва муҳаққиқони хориҷӣ Мыслякова Ю.Г., Моргунов Ю.А., Древалев О., Петров А.М., Хамидуллин Ф.Ф., Ананьин В.И., Зимин К.В., Лугачев М.И., Гимранов Р.Д., Скрипкин К.Г. ва дигарон дида баромада шудаанд.

Дар маҷмуъ, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаи ташаккул ва идоракунии рушди иннноватсионии низоми саноати миллӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ коркард нагаштааст. Новобаста аз таҳқиқоти анҷомдодашуда, ҳанӯз ҳам як қатор муаммоҳои ҳалношуда  вобаста ба идоракунии мақсадноки инноватсионии рушди саноати миллӣ, ҷой доранд. Илова бар ин, адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаҳои идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатиро пурра дар бар намегирад. Аз ин лиҳоз, татбиқи фаъолияти инноватсионии ташаккули идоракунии он дар соҳаи саноат нокифоя боқӣ мондаанд, ки ин мубрамияти мавзуи интихобкардаи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти чунин барномаҳои давлатӣ такя мекунад: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 1 декабри соли 2016.–№636) [6], «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020/2021–2025» (аз 28 декабри 2016, №678) [2], «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26 октябри соли 2021, №460) [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» (24 декабри соли 2022, № 1921) [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» (аз 15 марти соли 2023, №1965) [11], «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» (аз 30 сентябри соли 2022, №482) [7], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 28 феврали соли 2025, №114) [12], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (аз 16 апрели соли 2012, № 822) [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» (аз 23 декабри соли 2021, №1848) [9], «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2020–2025» (аз 27 майи соли 2020, №293) [4] ва як қатор дигар барномаву стратегияҳои соҳавӣ иртибот дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории факултети иқтисод ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ ва конфронсу симпозиумҳои дохилию байналмилалӣ муҳокима гардидааст.

Новобаста аз таҳқиқоти анҷомшуда, масъалаҳои рақамикунонии истеҳсолот барои таъмини рушди устувори соҳаи саноати ватанӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва ташаккули унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои рақобатпазир муҳим арзёбӣ гардида, ба иқтидори содиротии кишвар ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии мукаммалгадонии механизмҳои системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди инноватсионӣ ва трансформатсияи рақамии иқтисодиёт, ҳамчунин таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба тадбиқи босамари сиёсати давлатии инноватсионӣ дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллии кишвар.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

– таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноат;

– омӯзиши ҷанбаҳои институтсионалӣ ва сохтори низоми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат;

– таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии бахши саноат ва имкониятҳои татбиқи он дар амалияи саноати кишвар;

– таҳкики асосҳои методологии ташаккулёбии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ, принсип ва шартҳои асосии идоракунии он дар саноат, инчунин, усулҳои арзёбии самаранокии низоми идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;

– тавсифи сохтори институсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии саноат ва муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии он;

– арзёбии қонуниятҳову тамоюлҳои муосири рушди равандҳои инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самранокии низоми муосири идоракунии рушди он дар корхонаҳои саноатӣ;

– таҳқиқи консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ ва зуҳури он дар саноати кишвар;

– арзёбии афзори муосири раванди ҳамгироӣ дар саноати Тоҷикистон, афзалият ва камбудиҳо;

– муаяйн намудани тамоюли рушди ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун омили такмили идоракунии рушди инноватсионии саноат;

– пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳалли масъалаҳои зерин:

➢ таъмини иттилоотии раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар асоси технологияи рақамӣ;

➢ ташаккули механизмҳои рушди иноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз”.

**Объекти таҳқиқот.** Соҳаи саноат ва системаи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва идоракунӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дар ҷараёнҳои идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасдиқ кардани муқаррарот, ки маҳз мукаммалгадонии маҷмуи муносибатҳои таъсирбахши идоракунӣ ва механизмҳои ташкиливу иқтисодии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки ба татбиқи босамари ҳадафи чоруми рушди милилӣ – саноатикунонии босуръати иқтисодиёт мусоидат менамояд, асос ёфтааст. Ин бояд ба талаботи инқилоби чоруми саноатӣ ва марҳилаи панҷуми технологӣ, ки дар пояи истифодаи хусусиятҳои трансформатсияи рақамӣ ва рушди иқтисоди “сабз” бояд сурат гирад, мутобиқат намояд. Такмили механизмҳои муассири идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, аз ҷумлаи омили бунёдӣ ва стратегии баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар давраи дарозмудат мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар кори илмии мазкур асарҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва тақвияти сармоягузориҳо дар соҳаи саноат, идоракунии мақсадноки он дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи саноатро ба танзим медароранд, инчунин, маводҳои ҳамоишҳои илмӣ–амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ васеъ истифода гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҷанбаҳои методологии мавзуи таҳқиқшавандаро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳисоботҳо ва таҳлилҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ, монографияҳо, захираҳои иттилоотии интернет ва дигар нашриёти олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳо ва таҳияи пешниҳодҳои муфид дар диссертатсия усулҳои диалектикӣ, илмӣ–мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, иқтисодӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба ҳайси сарчашмаи маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конфронс ва семинарҳои илмию амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, захираҳои иттилоотии интернет, матолиби ҳамоишҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои гирд ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф, инчунин, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ дар монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷудбуда, истифода шудаанд.

**Марҳалаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2019–2025-ро дар бар гирифта, дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илми таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ассосноккунӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди низоми саноат дар кишвар бо истифода аз принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ иборат мебошад.

Ҷанбаҳои методологии таҳқиқот бо равишҳои системавӣ асос ёфта, имкон медиҳанд он мушкилоте, ки дар раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат ҷой доранд, мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шаванд. Дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои оморӣ–математикӣ, бисёромила, ҳамчунин, усулҳои ҷадвалӣ, графикӣ ва дигарон васеъ истифода бурда шудааст.

Натиҷаҳои зерини муҳимтарин ба даст оварда шудаанд, ки **навгонии илмии таҳқиқотро** муайян мекунанд:

– мушаххас намудани мавқеъ ва ҷойгоҳои фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии рушди соҳаи саноат бо такя ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявии он. Дар ин раванд идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ таъриф дода шудааст, ки он ҳамчун маҷмуи истифодаи роҳу усулҳои инноватсиониро дар бар гирифта, татбиқи онҳо дар низоми саноатӣ самаранокии онро дар шароити бозор таъмин намуда, онро ба самти мақсаднок равона менамояд;

– асоснок кардани роҳу усулҳо идоракунии рушди инноватсионии саноат бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки минбаъ зарур аст, ки ба таъсиси кластерҳои саноатӣ, комплексҳои саноатӣ ва дигар инфрасохтори саноатие, ки дар заминаи принсипҳои инноватсионӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он идора карда мешавад, диққати махсус дода шавад;

– гурӯҳбандии принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноатӣ: самаранокӣ, систематикӣ, таъминоти кадрӣ, мутобиқшавӣ, давомнокӣ, идоракунии хавфҳо, таъмини захираҳо, ҳамкорӣ ва ошкорбаёнӣ, таъминоти инфрасохторӣ, таваҷҷуҳи муштариён, таъминоти моддию техникӣ. Принсипҳои мазкур барои идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, онро ба сатҳи нави муносибат дар шароити бозор мебарорад;

– асосноккунии ҷанбаҳои методии идоракунии рушди инноватсионии саҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани нишондиҳандаҳои асосӣ ва усулҳои арзёбии рушди инноватсионии низоми саноатӣ;

– дида баромадани имкониятҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани талаботи соҳа ба захираҳои кадрӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои таъмини ба он;

– мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додани сохтори институтсионалии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ миллӣ бо таваҷҷуҳ ба муайянсозии нақши ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ин самт;

– мушаххас кардани нақши давлат ҳамчун субъекти раванди инноватсионӣ дар идоракунии рушди низоми саноатӣ ва пурзӯр намудани кори сохторҳои таркиби он дар заминаи гузаштан ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ ва таҳияи асосҳои консептуалии рушди он;

– ошкор намудани мушкилоти саноати миллӣ дар раванди гузариш ба модели инноватсионии рушд бо роҳи таҳлили ҳамаҷонибаи имконият ва монеаҳо дар ин раванд, ки бартараф намудани онҳо рушди устувори соҳаи саноати миллиро дар шароити маҳдудияти захираҳо ва афзоиши рақобати бозорӣ таъмин менамояд;

– рушди ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба тавсеаи шарикии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор асоснок карда шудааст. Татбиқи консепсияи пешниҳодшудаи муаллиф (Консепсияи рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноат) дар шароити Тоҷикистон як падидаи нави иқтисодӣ буда, он метавонад дар раванди идоракунии инноватсионии соҳаи саноат ва рушди “сабз”-и он нақши ҳалкунанда гузорад;

– самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди инноватсионии системаи миллии саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии раванди тавлиди молу маҳсулот ва мутобиқгардонии он бо принсипҳои иқтисоди “сабз” пешнишод карда шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки аз як тараф, рушди инноватсионии низоми саноати миллӣ таъмин гардад ва аз ҷониби дигар, сохтори истеҳсолии кишвар марҳала ба марҳала ба талаботи экологӣ, ҳамчун Ҳадафи Рушди Устувор, (ҲРУ) мутобиқ гардонида шавад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ворид кардани муаяйнӣ ба моҳият ва сохтори низоми инноватсионии саноатии кишвар ҳамчун объекти идоракунӣ, ки аз маҷмуи институтҳои инфрасохториву ташкилӣ, сохторҳо, ташаббусҳо, ки барои тарғибу паҳнкунӣ ва рушди навоварию ихтироотро дар бахши саноатии иқтисодиёт мусоидат менамояд, инчунин, коркарди асосҳои назариявии механизмҳои идоракунии ин низом, мебошад;

2. Асосноккунии муҳиммияти таъмини институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки системаи ҳавасмандиву маъсулиятро дар ин ҷода неру мебахшад, инчунин, дар ҳошияи омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ коркарди самтҳои такмили механизмҳои идоракунии рушди инноватсия дар самти таҳким додани инфрасохтори инноватсионии саноат ва дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар кишварҳои хориҷӣ асоснок намудани роҳҳои ҳалли як қатор мушкилот дар ин роҳ мебошад;

3. Коркарди асосҳои методологии ташаккулёбии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ дар саноат ва асоснокунии меъёрҳои (критерияҳои) идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат. Ин асосҳо ки бо истифода аз технологияи муосир ва муносибатҳои иқтисодии нав таҳия гашта, вазифаҳои идоракуниро дар самти ташаккул ва амалӣ кардани ғояҳои нав ва татбиқи технологияҳои навинро барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити глобалӣ, технологӣ ва бозорӣ неру мебахшад;

4. Принсип ва шартҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки равиши системавиро дар идоракунии равандҳои инноватсионии соҳаҳои саноат инъикос менамоянд. Ин принсипҳо дар мавриди таҳрезии сохтори институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии саноат қарор мегиранду ба баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва мутобиқшавии соҳаи саноат ба шароити бозор мусоидат менамоянд.

5. Арзёбии вазъи муосир ва қонуниятҳои рушди соҳаҳои саноат ва тамоюлҳои рушди инноватсионии он, тағйироти сохтории соҳаи саноат ва ташаккулу рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ҳамчунин, ниҳоди иқтисодиву

ташкилии идоракунии рушди инноватсионӣ. Коркарди тавсияҳо ҷиҳати таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои саноати коркард, ки ба пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ ва арзиши иловагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

6. Арзёбии тарафҳои мусбату манфии консепсияҳои муосири ҳамгироии саноатӣ ва коркарди консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ, унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии он дар саноат. Ҳамчунин, тавсифи сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун механизм ва омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатӣ дида баромада шудааст.

7. Асоснокунии самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мукаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди инноватсионӣ ва технологии соҳаи саноат дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ. Асоси ин равандро таъмини иттилооттии ҷараёнҳои идоракунӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ, ки ба баланд гардидани самаранокии идоракунӣ ва суръат бахшидани рушди инноватсионии саноат мусоидат мекунанд, ташкил медиҳад.

8. Мукаммал гардонидани механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноат бо дарназардошти мутобиқ намудани онҳо бо принсипҳои иқтисодиёти "сабз", ки имкон медиҳанд дар кишвар устувории экологӣ мувофиқ бо Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳифз карда шавад.

9. "Консепсияи рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат" санаде мебошад, ки он дар асоси барномаву стратегияҳои рушди инноватсионии саноат, ки дар он муносибати ҳамаҷониба ва иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илм ва ҷомеа) қарор гирифта, барои коркарди механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ ва институтсионалии рушди инноватсионӣ мусоидат менамояд;

10. Коркарди муаллифии харитаи роҳ дар соҳаи саноат метавонад ҳамчун роҳнамои асосӣ барои гузариш ба иқтисоди «сабз» хидмат намуда, ба шароит ва имкониятҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардида, инчунин, барои ҷорӣ кардани таҷрибаҳои беҳтарин дар рушди иқтисодии кишвар истифода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ифода меёбад, ки моҳият ва мазмуни иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро ошкор сохта, барои таҳия ва татбиқи тадбирҳои муассири рушди индустриалию инноватсионӣ истифода шуда, истифодаи онҳо заминаҳои консептуалии рушди инноватсионии саноатро тақвият мебахшанд. Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад аз ҷониби ширкату мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ, барои такмили додани сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии соҳаи саноат истифода карда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд дар таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Иқтисоди корхона», инчунин, курсҳои махсуси рушди сиёсати саноатӣ ва инноватсионӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои

иҷтимоӣ-иқтисодӣ. 1.1.Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ.1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.1.15.Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф бо истифода аз таҳлил ва ҷамъбастсозии маводҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ, ҳамчунин, таҳқиқи тамоюли рушди соҳаи саноат ва таъмини рушди инноватсионии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Муқаррароти илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби худи муаллиф таҳия ва пешниҳод карда шудаанд. Ҳамчунин, коркарди илмӣ дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Апробатсияи мавзуи таҳқиқот дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (суратҷаласаи № 5 аз 14.12.2024) гузаронида шудааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърузаҳои шифоҳӣ пешниҳод гардида, дар ҳамоишҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, маҷмуаи мақолаҳои Конфронси илмию амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ (2016–2025): маводҳои Конфронси илмию амалии байналмилалии фосилавӣ дар мавзуи «Нақши инноватсияҳо дар рушди иқтисодии кишвар» (Душанбе, ДДТТ–2016); Маҷмуаи маводҳои Конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Баланд бардоштани нақши бонкҳои минтақавӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе – 2017); маҷмуи маводҳои Конфронси сеюми байналмилалии илмию амалии интернетии ҷавонон дар мавзуи «Усули кластерӣ–асоси рушди инноватсионии системаҳои саноатии минтақа» (Полтава – 2017); маводҳои Конфронси илмию амалии байналмилалии фосилавӣ дар мавзуи «Дастгирии давлатии рушди инноватсионии саноат дар сатҳи минтақа» (Душанбе–2017); маводҳои Конфронси шашуми байналмилалии илмию амалии фосилавӣ дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии давлатии рушди инноватсионии минтақаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, ДДТТ – 2018); маҷмуи маводҳои Конфронси сеюми байналмилалии илмию амалии интернетии ҷавонон дар мавзуи «Системаи инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамои рушд» (Полтава–2018); маҷмуи маводҳои Конфронси илмию амалии байналмилалии фосилавӣ дар мавзуи «Сиёсати давлатии саноатӣ: таъмин намудани рушди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир

дар минтақа» (Душанбе, ДДТТ–2018); маводҳои Конфронси илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе–2019); маводҳои Конфронси байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) дар мавзуи «Рушди устувори иқтисоди рақамӣ дар кишвар» (Душанбе: ДДТТ–2022); Маводи Конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Вазъи гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Афғонистон дар солҳои охир: мушкилот ва дурнамо» (ИШ АИР, Москва–2023); маҷмуаи маърузаҳои Конфронс ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуҳои «Омилҳои самаранокӣ иқтисоди «сабз» дар рушди иқтисоди миллӣ» ва «Вазъи мусоиди таъмини амнияти иқтисодии кишвар» (Душанбе–2023); Конфронси коршиносии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо: рӯзномаи нави ҳамкорӣ дар соҳаи амният» дар мавзуи «Дастгирии бозори меҳнат ҳамчун авлавияти рушди иқтисодии Тоҷикистон» (Тошканд–2024); Форуми марказҳои таҳлилии Корея ва Осиёи Марказӣ дар мавзуи «Гузариши босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели рушди саноатӣ дар заминаи шарикии калидии Осиё Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея» (Тошканд – 2024); Форуми 3-юми марказҳои таҳлилии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ таҳти унвони «Иқтисоди насли оянда: чолишҳо ва дурнамо» дар мавзуи «Тоҷикистон: ҳадафҳо ва дастовардҳо дар масири кишвари сабз» (Баку– 2024); маҷмуи маърузаҳои конфронс ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуҳои «Арзёбии заминаҳои асосии рушди саноати инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Афзалиятҳои рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ» (Душанбе–2024); маводҳои Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд» дар мавзуи «Рақамикунонӣ ва таъмини рушди устувори инноватсионии саноати миллӣ» (Душанбе – 2024); маводҳои Конфронси сеюми байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) таҳти унвони «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» дар мавзуи «Аҳаммияти рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе: ДДТТ – 2024); Форуми нахустини марказҳои таҳлилии кишварҳои Халиҷи Форс ва Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Осиёи Марказӣ – Шурои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷи Форс (GCC)» дар мавзуи «Тоҷикистон: самтҳои афзалиятнок барои густариши ҳамкории мутақобилан судманд» (Тошканд – 2025); маҷмуаи маводҳои Конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва маркетинги рақамӣ» дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии инноватсионӣ: ҷанбаҳои назариявӣ» (Душанбе: ДДТТ – 2025); Форуми дуюми «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Корея» дар бахши «Муқовимат ба мушкилоти иқлим, ноил шудан ба бетарафии карбон. Шакливазнамоии ESG ҳамчун самти рушди устувори минтақа» дар мавзуи «Тоҷикистон ва Корея: таъмини ҳамкории мутақобилан судманд» (Бишкек – 2025); Форуми VIII коршиносони Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Осиёи Марказӣ – фазои умумии эътимод, амният ва рушди устувор» дар мавзуи «Нақши Тоҷикистон дар занҷираи истеҳсолии минтақавӣ» (Тошканд – 2025); мизи мудаввар бахшида ба дурнамои роҳандозии шарикӣ таҳти унвони

«Дурнамои рушди ҳамкорӣ дар формати Осиёи Миёна – Аврупои Шимолӣ» дар мавзуи «Дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Аврупои Шимолӣ» (Тошканд – 2025) ироа шудааст. Илова бар ин, муаллиф зарурати мутобиқсозии сохтори саноатро ба талаботи иқтисодиёти муосири мамлакат бо мақсади ташкили экосистемаи рақамӣ мунтазам мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои бадастомада ҳангоми коркарди гузоришҳои таҳлилии МТС мавриди истифода қарор додааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 62 кори илмӣ, аз ҷумла, 1 монография ва 39 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор аз 396 саҳифа, 27 ҷадвал, 35 расм, 9 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 320 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, муайян намудани дараҷаи коркарди масъала, мақсад, вазифаҳо ва объекти таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии он баён гардидааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»** асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва сохтори системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, инчунин, таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дар боби дуюм - «Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»** асосҳои методологии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат дар заминаи аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва шароитҳо, ки барои баланд бардоштани самаранокии он ва таҷдиди ҷузъи институтсионалии он зарур мебошад, дида баромада шудааст.

**Дар боби сеюм – «Вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, системаи муосири идоракунии рушди равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ карда шуда, усулҳои арзёбии самаранокии системаи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоснок гардидаанд.

**Дар боби чаҳорум – «Нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди системаи саноатӣ»** афзалият ва камбудиҳои консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ муаян карда шуда, вазъи муосири раванди ҳамгирой дар саноати Тоҷикистон, инчунин, ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун консепсияи муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноатӣ, мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтаанд.

**Дар боби панҷум – «Самтҳои асосии такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** самтҳои афзалиятноки такмили раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар заминаи истифодаи технологияи рақамӣ ва принсипҳои иқтисодиёти “сабз” асоснок карда шудааст.

**Дар хулоса** пайваста бо натиҷагирии таткиқоти диссертатсионӣ дар самти таҳкими назария ва амалияи идоракунии рушди инноватсионии бахши саноати иқтисодиёти мамлакат пешниҳоду тавсияҳо асоснок карда шудааст.

## ҚИСМИ АСОСӢ

**Муқаррароти аввале, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, ворид намудани муаяйнӣ ба моҳият ва сохтори низоми инноватсионии саноатии кишвар, ҳамчун объекти идоракунӣ, ки аз маҷмуи институтҳои инфрасохториву ташкилӣ, сохторҳо, ташаббусҳо, ки барои тарғибу паҳнкунӣ ва рушди навовариву ихтироотро дар бахши саноатии иқтисодиёт мусоидат менамояд, инчунин, коркарди асосҳои назариявии механизмҳои идоракунии ин низом, мебошад.**

Дар диссертатсия таъкид карда мешавад, ки «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (аз 27 майи соли 2020, №293) [4], ки айни замон мавриди амал қарор дорад, дар он афзалиятнокии фаъолияти инноватсионӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси самтҳои гуногуни саноат, гузаштан ба модели инноватсионии рушди он, ки самаранокиву рақобатпазирии соҳа ва фаъолияти субъектҳои иқтисодии онро мусоидат менамояд, мавқеи марказиро ишғол менамояд. Бинобар ин, таъмину рушди низоми инноватсионии саноат, ҳамчун объекти идоракунӣ, ки аз маҷмуи тадбирҳо, сохторҳо, ташаббусҳо ва роҳҳои ташкилӣ аст, ки барои тарғибу паҳнкунӣ ва рушди навоварию ихтироот дар доираи бахши саноатии иқтисодиёт сурат мегирад, талаботи марҳалаи муосир рушди иқтисодиёти мамлакат мебошад. Мақсади асосии низоми мазкур ин аст, ки шароитҳои зарурии рушди технологӣ, илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад, то ин ки соҳаҳои саноат ба рушди устувор ва иқтисоди рақобатпазир расад. Аммо, ба ақидаи муаллиф, то ин ҷониб механизми фаъолу мутобиқи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки низоми инноватсионии бахши саноатии иктисодиётро тавсеа диҳад, коркарди амиқ нашудааст. Илова бар ин, принсип ва усулҳои идоракунии раванди ташкил ва пешбурди сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат тайи солҳои охир, бинобар сабаби пайдо гардидани консепсия ва равишҳои нави идоракунӣ дар истеҳсолот, куллан тағйир ёфтааст. Мисоли ин гуфтаҳо гузариш ба модели иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисодиёти "сабз" шуда метавонад, ки дар Тоҷикистон ба ин масъала тайи солҳои охир таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар робита ба гуфтаҳои мазкур, бо дарназардошти хусусиятҳои хос, марҳалаҳои рушди низоми идоракунии инноватсия дар саноати кишварро чунин тақсим кардан мумкин аст, ки дар расми 1 нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки марҳалаҳои рушди низоми идоракунии инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, ба чаҳор ҷанба асос ёфтаанд: таҳкими асосҳо, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, ташкили инфрасохторҳои муосир ва гузариш ба иқтисоди «сабз» мебошад, ки ҳар як марҳала ба таври ҳамоҳанг таҳия шуда, барои рушди саноати рақобатпазир ва устувор дар шароити муосир мусоидат мекунад (ниг. ба расми 1).

Ҳарчанд, ки рушди низоми идоракунии инноватсия дар Тоҷикистон аз як равандҳои мураккаби таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гузашта бошад ҳам, аммо инноватсия, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» се омили асосие мебошанд, ки таъминкунандаи рушди устувори саноати ватанӣ ба ҳисоб меравand.

**МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ МИЛЛӢ**

| | | |
|---|---|---|
| **Марҳалаи ибтидой (солҳои 1991-2000)** | – Таъсири гузариш ба иқтисоди бозорӣ;<br>– Мушкилоти рушди соҳа;<br>– Зарурати таҷдиди соҳа. | Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ гузашт, ки таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти инноватсионӣ дар соҳаи саноат кам буд. Мушкилоти набудани сармоягузорӣ, норасоии мутахассисон ва инфрасохтори заиф то рафт зарурати таҷдиди таҷҳизоти кҳнаи шӯравӣ ва бозсозии соҳаро пеш меоварد. |
| **Марҳалаи эхё (солҳои 2000-2010)** | –Таҳияи заминаҳои аввалия;<br>–Таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ;<br>–Ташкили инфрасохторҳои аввалия. | Вобаста ба имкониятҳо Ҳукумати кишвар аввалин барномаҳои миллии инноватсиониро ба роҳ монда, муассисаҳо ва ниҳодҳо ба роҳандозии марказҳои тадқиқотӣ ва рушд шурӯъ намуданд. Дар ин замина, Тоҷикистон шарикӣ бо кишварҳои хориҷиро дар самти ҷорӣ намудани таҷриба ва технологияҳои нав давра ба давра тақвият бахшид. |
| **Марҳалаи такмил (солҳои 2010-2020)** | –Сиёсати ҳавасмандгардонӣ;<br>–Таъсири сармоягузории хориҷӣ;<br>–Мукаммалсозии кадрҳо. | Барои тақвияти омилҳои инноватсионӣ ва рушди саноати миллӣ дастгириҳои давлатӣ тавассути барномаҳо ва грантҳои давлатӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва татбиқи технологияҳои муосир коркарди маҳсулот амалӣ гардида, роҳбарияти олии кишвар мунтазам барои баланд бардоштани малакаҳои мутахассисони маҳаллӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамуд. |
| **Марҳалаи устуворӣ (солҳои 2020-2025)** | –Инноватсияҳои “сабз”;<br>–Таъсиси инфрасохторҳои муосир;<br>–Тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ. | Татбиқи технологияҳои камистеъмолкунанда ва истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, аз қабили гидроэнергетика, зиёд гардида, корхонаҳои саноатӣ ба ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ барои беҳтар кардани самаранокии истеҳсолот пурзур намуданд. Дар ин радиф, шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди инноватсияҳо мунтазам афзоиш меёбад. |
| **Дурнамои рушд (2025 ва баъд аз он)** | –Ташкили экосистемаҳои инноватсионӣ;<br>–Татбиқи технологияҳои муосир;<br>–Гузариш ба иқтисоди «сабз». | Инноватсия дар саноати Тоҷикистон ба як ҷузъи муҳим барои рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ табдил ёфта, ҳамкорӣ миёни бахшҳои давлатӣ, хусусӣ ва илмӣ барои рушди доимии технология ва илм мунтазам меафзояд. Бо беҳтар кардани сифат ва суръати истеҳсолоти ватанӣ, Тоҷикистон дар самти гузариш ба иқтисоди «сабз» қадамҳои устувор мегузорад. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 1. – Марҳалаҳои рушди соҳаи саноат**

Аз ин лиҳоз, дар ҳар марҳала барои рушди устувор ва рақобатпазирӣ стратегияи дақиқ ва идоракунии самарабахш нақши муҳим мебозад. Доир ба масъалаи мазкур дар зербобҳои минбаъда маълумоти зарурӣ ба таври мукаммал оварда шудааст, ки пурра аз инноватсия то ба ташкили экосистемаи инноватсиониро дар бар мегирад.

Бинобар ин, раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати миллӣ бояд бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти муосир, ки меҳвари асосии онро рақамикунонӣ ва муносибати оқилона бо муҳити зист ташкил медиҳад, амалӣ гардонида шавад. Яъне низоми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот чунон ташкил карда шавад, ки набояд ба муҳити зист осеб расонад. Муҳимтар аз ҳама, амалӣ намудани чунин иқдом агар аз як ҷониб раванди ташкили истеҳсолотро дар кишвар бо принсипҳои иқтисодиёти муосир мутобиқ гардонад, аз ҷониби дигар, ташаккули соҳаи саноати инноватсионӣ-иҷтимоиро дар кишвар замина мегузорад.

Муаллиф афзудааст, ки зимни татбиқи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ пешбинӣ мешавад, ки заминаҳои рушди инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд. Ин ҷо ӯ ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ С.Ҷ. Комилов ҳамраъӣ менамояд: "…ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ як раванди мураккаб, бисёрҷанба ва тӯлонӣ буда, сармоягузориҳои бузург ва истифодаи иқтидори захиравии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро талаб мекунад" [19,–С.12]. Раванди инноватсионӣ (новаторӣ) як раванди эҷод ва татбиқи ғояҳои нав дар соҳаҳои гуногун мебошад, ки мақсади беҳтар кардани маҳсулот, хидматҳо, ё равандҳои кориро дорад. Он ба таҳияи технологияи нав, моделҳои нави тиҷорат, ё усулҳои нави фаъолиятҳо, ки ба рушду пешрафти иқтисодиёт ва соҳаҳои мухталиф мусоидат мекунанд, ишора менамояд. Аммо бояд як нуктаро дар назар дошт, ки идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат раванди мураккаб буда, тақозо менамояд, ки ҷанбаҳои назариявии он бояд пурра омӯхта ва мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шаванд. Аммо, қабл аз он, ки ба таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва асарҳои эҷод намудани олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт оғоз намоем, зарур аст, ки равандҳои инновоатсионӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонро васеъ дида бароем (ниг. ба расми 2).

Дар хусуси расми 2 муаллиф илова намудааст, ки раванди инноватсионӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии ҳар як давлат, корхона ва муассиса ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавӣ, корбурди самараноки инноватсияҳо ба рушди устувор ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рақобати глобалӣ, танҳо кишварҳое метавонанд мавқеи устуворро нигоҳ доранд, ки имкониятҳои бештарро дар татбиқи натиҷаҳои илм дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ доро бошанд. Соҳаи саноат хеле мураккаб буда, ҳамчун системаи кушоди калон аз маҷмуи муносибатҳои ташкилӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва дигар унсурҳои муҳим таркиб ёфтааст.

Дар расми 3 сохтори ташкилии соҳаи саноатии кишвар оварда шудааст. Чуноне аз нақша аён мешавад, субъектҳои асосии танзимкунандаи соҳаи саноат давлат ба ҳисоб рафта, он бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳи гуногун соҳаи мазкурро танзим менамояд. Ҳамзамон, вазифаи давлат на танҳо танзими соҳаи саноат, балки аз маҷмуи фишангҳое таркиб ёфтааст, ки онҳо барои ҳавасманд гардонидани субъектҳои иқтисодии соҳаи мазкур равона гардидаанд.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 2. – Нақшаи сохтории раванди инноватсионии соҳаи саноат**

Ҳамчунин, ҷузъи дигари соҳаи саноатии кишвар корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи рақобатнокии онҳо дар бозор аз мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва дигар сарчашмаҳои рушд вобастагии зич дорад. Ҳалли амалии ин масъала имкониятҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатиро васеъ намуда, дар ин замина, онҳо метавонанд дурнамои рушди худро таъмин намоянд. Аммо, чуноне аз расми 3 маълум мегардад, раванди истеҳсол ва фурӯши молҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонӣ ва гузариш ба иқтисодиёти "сабз" бояд бо дарназардошти талаботи ҳар ду ин шакли модели рушд ба роҳ монда шавад. Ба инобат гирифтани чунин талабот, агар аз як ҷониб, низоми миллии саноатро ба талаботи иқтисодиёти нав мутобиқ гардонад, аз ҷониби дигар, имкон медиҳад, ки дар солҳои наздик Тоҷикистон ба кишвари "сабз" табдил ёбад.

**Муқаррароти дуюме, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад, асоснок кунии муҳиммияти таъминоти институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки системаи ҳавасманидиву маъсулиятро дар ин ҷода неру мебахшад, инчунин, дар ҳошияи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ коркарди самтҳои такмили механизмҳои идоракунии рушди инноватсия дар самти таҳким додани инфрасохтори инноватсионии саноат ва дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар кишварҳои хориҷӣ асоснок кардани роҳҳои ҳалли як қатор мушкилот дар ин роҳ мебошад.**

Дар диссертатсия омадааст, ки рушди инноватсионӣ, ҳамчун омили муҳимми пешрафти иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф гардидааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки низоми идоракунии рушди инноватсионӣ дар бахши саноат бояд ба асосҳои институтсионалӣ ва ё ҳуқуқии устувор такя кунад, то барои ҷараёнҳои инноватсионӣ самаранок ва муттасил шароти мусоид рӯйи кор ояд. Зеро ташкили низоми самараноки идоракунии рушди инноватсионӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон тақозо мекунад, ки ҳам заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ниҳодҳои зарурӣ бо ҳам мутобиқ ва самаранок бошанд. Бо дарназардошти ин, дар сохтори рушди ипнноватсионии саноатӣ ниҳодҳое, ки ҳамкориҳои муассири миёни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмиро тавсеа медиҳанд, дар татбиқи самараноки низоми мазкур омили калидӣ ба шумор меравaнд.

Маҳз бо ҳамин мақсад, тамоми чораҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри идоракунии иннноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноатикунонии босуръат амалӣ шуда истодаанд, пеш аз ҳама, ба татбиқи амалии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6], таъмини рушди устувори иқтисодӣ, барқарорсозӣ ва васеъ намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, инчунин, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсолот равона карда шудаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои рушди инноватсионии соҳаи саноат кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуда, як қатор барномаҳои давлатӣ, аз он ҷумла, «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» [1], ки татбиқи худро ёфтааст, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6], «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025»[4], Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020–2040» [3], инчунин «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037» [7] қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 3. – Сохтори ташкилии соҳаи саноати Тоҷикистон**

Вазифаи муҳимми рушди стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозии инноватсионии саноати мамлакат, ташкили навъҳои нави истеҳсолоти саноатӣ ва таъмини воридотивазкунӣ мебошанд. Аммо ташаккули бартариятҳои рақобатии (рақибии) соҳаи саноати мамлакат дар заминаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар он ва мукаммалсозии инфрасохтори саноатӣ инчунин, густариши муносибатҳои шарикӣ байни корхонаҳои истеҳсолӣ имконпазир мебошад. Бо дарназардошти ҳамаи ин, дар стратегияву барномаҳои давлатӣ ба масъалаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар саноат ва рақамикунонии раванди истеҳсолот, рушди иқтисоди миллӣ, ҳамчун самти афзалиятнок, таваҷҷуҳ махсус зоҳир карда шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки имрӯзҳо бо татбиқи барномаҳои гуногуни давлатӣ дар самти рушди инноватсионии соҳаи саноати кишвар, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Аммо, новобаста аз ин дастовардҳо, ҳануз робитаи илм бо истеҳсолот пурра таъмин нагардидааст. Чунин ҳолат зарурати таҳияи механизми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро бо дарназардошти татбиқи илм дар истеҳсолот ба миён овардааст.

**Ҷадвали 1. – Механизми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат бо дарназардошти татбиқи илм дар истеҳсолот**

| № | Марҳалаҳо | Раванд |
|---|---|---|
| 1 | Шарҳи стратегияҳои инноватсионӣ | Муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат, ки дар он ба омӯзиши навовариҳо ва технологияҳои пешрафта дар илму дониш эътибор дода мешавад. Ин стратегияҳо метавонанд ба такмили хатҳои истеҳсолӣ, кам кардани хароҷоти истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулот равона карда шаванд. |
| 2 | Ташкили марказҳои таҳқиқотӣ ва таҳияи инноватсияҳо | Иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳқиқи технологияҳои нав дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ, ки ба таҷрибаи илмӣ ва истеҳсолӣ асос ёфтааст. Марказҳои илмӣ метавонанд ҳамчун восита байни таҳқиқот ва истеҳсолот хизмат кунанд. |
| 3 | Омӯзиш ва такмили ихтисоси кадрҳо | Таъмини мутахассисон бо донишу малакаҳои нав дар соҳаи илм ва инноватсия барои омодагии онҳо ба татбиқи усулҳои инноватсионии таълим. Ин қадам ба омӯхтани технологияҳои нави истеҳсолӣ ва офариниши маҳсулоти нав ё такмил додани маҳсулоти мавҷуда кумак мерасонад. |
| 4 | Ташкили равандҳои татбиқи инноватсия дар истеҳсолот | Эҷоди равандҳои стандартӣ барои ворид намудани инноватсияҳо ва технологияҳои нав дар истеҳсолот. Ин метавонад механизми махсуси дастгирӣ ва маблағгузорӣ, барномаҳои омӯзишӣ барои мутобиқати технологияи нав дар истеҳсолот ва ё ворид намудани технологияҳои муосири автоматиконидашуда ба равандҳои истеҳсолӣ бошад. |
| 5 | Мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо | Бояд натиҷаҳои татбиқи инноватсияҳо пайваста арзёбӣ карда шаванд. Ин мониторинг имкон медиҳад, ки самаранокии равандҳо баҳо дода шавад ва барои такмил додани онҳо нақшаҳои иловагӣ таҳия гардад. |
| 6 | Ҳавасмандкунӣ ва дастгирии давлатии инноватсияҳо | Ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои дастрасии корхонаҳои истеҳсолӣ ба таҳқиқоти нав ва таҷрибаҳои илмӣ, ҳамчунин, ҳавасмандкунии кадрҳои илмӣ барои ҳамкорӣ бо истеҳсолот. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Бо ин мақсад, таҳияи механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии саноат дар заминаи ҳамкорӣ бо илм яке аз вазифаҳои стратегӣ ба ҳисоб рафта, механизмҳои мазкур метавонанд заминаи мустаҳкам барои татбиқи босамари навовариҳо дар истеҳсолот, ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисоди миллӣ, хизмат кунанд. Робитаи илм бо истеҳсолот–роҳи калидии сохтани саноати муосири дорои иқтидори баланд аст.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки гузариш бо роҳи инноватсионии рушд дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва технологӣ мебошад (ниг. ба расми 4). Бинобар ин, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар амалияи кишвар ба ҳалли масъалаҳои иҷтимою иқтисодии рушди кишвар, мустаҳкам гардонидани мавқеи сиёсию ҳуқуқӣ ва заминаҳои технологии рушди он мусоидат менамояд. Муаллиф дар ин ҷо, пеш аз ҳама, дар назар дорад масъалаи  масъалаи таъминоти кадрии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки омили калидӣ боқӣ мемонад. Бо мақсади омода кардани кадрҳои соҳибкасб ва ҷавобгӯй ба принсипҳои иқтисодиёти инноватсионӣ, зарур аст, ки низоми таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот марҳала ба марҳала мукаммал гардонида шавад. Ба ғайр аз ин, муҳите ташкил карда шавад, ки дар доираи он таъмини ҳамгироӣ дар байни илм, таҳсилот ва истеҳсолот имкон дошта бошад.

Дар робита ба расми 4 метавон гуфт, ки инноватсия дар соҳаи саноат як унсури калидии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳо ба шумор меравад. Дар ин радиф, рушди инноватсия як воситаи асосии стратегии идоракунии соҳаи саноат мебошад, ки на танҳо самаранокии истеҳсолот, балки устувории рушди иқтисодиётро низ таъмин мекунад.

Дар диссетатсия таъкид карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳалаи нахустини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ қарор дорад, бояд ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, барои ташаккули инфрасохтори рушди инноватсионии саноати миллӣ аз таҷрибаи пешқадами онҳо истифода намояд. Вобаста ба ин, таҷрибаи пешқадами давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ таҳлил гардида, барои истифодаи амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ ва методологӣ пешниҳод карда шудаанд. Масалан, дар бобати модели шабеҳи бизнес-инкубаторҳо ба нақшаи инкубаторҳои технологӣ, инчунин, дар таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ таҷрибаи Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ барои кишвари мо муносиб мебошад, истифодаи он барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Дар диссертатсия хусусиятҳои асосӣ ҷудо карда шудаанд, ки инфрасохтори инноватсионии дар ҳоли ташаккул қарордоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз кишварҳои хориҷӣ фарқ мекунад ва вобаста ба ин, роҳҳои татбиқи онҳо нишон дода шудаанд.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 4. – Нақши инноватсия дар идоракунии рушди соҳаи саноат**

Азбаски идоракунии инноватсионии рушди саноатӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим барои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар кишвар мебошад, барои Тоҷикистон, ки дар марҳалаи рушди иқтисодӣ қарор дорад, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад воситаи самарабахш барои рушди соҳаи саноат ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар он гардад. Дар ин хусус моделҳои асосии рушди инноватсионии кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. – Моделҳои асосии рушди инноватсионии кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта**

| № | Кишварҳо | Афзалиятҳо |
|---|---|---|
| 1 | ИМА, Британия, Фаронса | Кишварҳое, ки дар соҳаи илм ва рушди инноватсионӣ пешсафанд, захираҳои зиёди молиявиро барои таҳқиқоти бунёдию амалӣ, ҷорӣ намудани барномаҳо ва лоиҳаҳои калони мақсадноки комплексӣ, аз ҷумла, дар бахши ҳарбӣ-саноатии соҳаи иқтисодиёт ҷудо менамоянд. |
| 2 | Олмон, Шветсия, Швейтсария | Кишварҳое, ки инноватсияҳоро фаъолона паҳн мекунанд, дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт муҳити мусоиди инноватсиониро фароҳам меоваранд. |
| 3 | Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ | Мамлакатҳое, ки комёбиҳои прогресси (тараққиёти) ҷаҳонии илму техникаро меписананд ва амалиёти бахшҳои гуногунро дар ҳамаи навъҳои соҳаи инноватсионӣ фаъолона мутобик мекунанд. |
| 4 | Чин, Ҷопон, Сингапур | Лозим ба ёдоварист, ки ба кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисоди инноватсионӣ на танҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дохил мешаванд, балки баъзе кишварҳои Осиё ҳамчун кишварҳои низомсоз дониста мешаванд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Дар диссертатсия бо таҳқиқи масъалаи мазкур дар ҳошияи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ қайд карда шудааст, ки идоракунии рушди инноватсионии бахши саноат дар шароити Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаҳои кишварҳои гуногун, ки ба татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва рушд эҳтимолан пайвастанд, метавонанд барои Тоҷикистон намуна бошанд. Яъне, вобаста ба хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии рушди инноватсионии бахши саноат, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ муайян гардид, ки таъмини рақобатпазирии соҳаи саноати кишвар ҳалли як қатор мушкилотро (тақозо) талаб менамояд, аз ҷумла:

1.Танзими давлатии иқтисодии нисбатан зиёд аз болои фаъолияти корхонаҳои саноати сабук, ба монанди қабули қарорҳои иқтисодӣ бо роҳи марказонидашуда, самаранокии нисбатан пасти қонунгузории соҳа, низоми андозбандӣ ва сиёсати зидиинҳисорӣ.

2.Иштироки нокифояи корхонаҳои саноати сабук дар раванди маблағгузории ҷараёнҳои инноватсионӣ бо сабаби гаронии меъёри фоизи қарзҳои низоми бонкии кишвар.

3. Қаноатбахш набудани навкунии (навсозии) базаи технологии корхонаҳои саноати сабук. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги ҷаҳонӣ аз рӯйи индекси

инноватсия дар байни 132 давлати ҷаҳон (бо индекси 23,9) ҷойи 103-юмро ишғол менамояд, ки нисбатан қаноатбахш нест. Индекси мазкур аз рӯйи ду гурӯҳи нишондиҳандаҳо:

– Захираҳо ва шароитҳои дар ихтиёрдошта барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ ниҳодҳо, сармояи инсонӣ ва таҳқиқот, инфрасохтор, рушди бозори дохилӣ ва рушди бизнес);

– Натиҷаҳои амалии бадастовардашуда аз фаъолияти инноватсионӣ *(рушди технологияҳо, натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ)* ҳисоб карда мешаванд. Аз ин рӯ, устувор гардонидани нишондиҳандаҳои болозикр дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, дар корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, то фаъолнокии инноватсионӣ таъмин карда шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкили фаъолияти инноватсионӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар заминаи технологияи кухнашуда ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, масъалаи аввалиндараҷа – баланд бардоштани имкониятҳои технологии корхонаҳои соҳаи саноати ватанӣ ба ҳисоб меравад.

4. Ҳавасмандсозии ҷараёнҳои инноватсионӣ. Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳо аз рӯйи рейтинги рушди инноватсионии иқтисодиёт дар зинаи паст қарор дорад. Хусусан, дар корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ заминаҳои устувори коркарди илмию истеҳсолӣ, фазои ягонаи иттилоотии мубодилаи донишҳо ва ақидаҳо байни иштирокчиёни ҷараёнҳои инноватсионӣ вуҷуд надорад. Ҳамчунин кор дар самти ҳимояи моликияти зеҳнӣ амалан ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад. Мушкилоти мазкур барои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ монеа эҷод менамояд.

5. Рушди технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷараёни навовариҳоро ҳавасманд ва суръат мебахшад. Аммо дар корхонаҳои саноати ватанӣ ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ суръати на он қадар баландро соҳиб аст. Аз нигоҳи мо, дар шароити кунунӣ технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ асоси фаъолияти инноватсионӣ ва таъминкунандаи рақобатпазирии маҳсулот дониста мешавад. Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ омили асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулот ба ҳисоб меравад.

**Муқаррароти сеюм, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад, коркарди асосҳои методологии ташаккулёбии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ дар саноат ва асоснокунии меъёрҳои (критерияҳои) идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат, ки бо истифода аз технологияи муосир ва муносибатҳои иқтисодии нав таҳия гашта, вазифаҳои идоракуниро дар самти ташаккул ва амалӣ кардани идеяҳои нав ва татбиқи технологияҳои навинро барои беҳтар кардани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити глобалӣ, технологӣ ва бозорӣ неру мебахшад.**

Тасдиқ мегардад, ки бо дарназардошти ин, идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат як қатор меъёрҳоро дар бар мегирад, ки самаранокии татбиқи инноватсияро таъмин карда, ба рушди устувори корхона ё соҳа дар бозор мусоидат менамояд. Барои расидан ба ин мақсад зарур аст, ки ба масъалаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат ҳамчун масъалаи муҳим барои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аммо муҳим аст, ки якчанд омилҳои асосӣ ба эътибор гирифта

шаванд. Масалан, фарҳанги эҷодкорӣ ва дигар омилҳое, ки неруи илмӣ-техникиро тақвият мебахшанд.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки критерияи идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат ба мақсади таъмини рушди устувор ва самарабахшии иқтисодӣ ва истеҳсолӣ бояд бо истифода аз технологияи муосир ва муносибатҳои иқтисодии нав таҳия шавад. Ин меъёрҳо метавонанд дар самтҳои гуногуни идоракунӣ ва рушди инноватсионӣ барои соҳаи саноат, аз ҷумла истеҳсолот, тиҷорат, молия ва захираҳои инсонӣ истифода шаванд. Ҳар як аз ин критерияҳо дар рушди инноватсионӣ ва ҳадафи умумии саноатии кишвар ё корхонаҳо ба ёрии афзорҳои идоракунӣ дар самти инноватсия муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар расми 5 нишон дода шудааст.

Дар робита ба расми 5 метавон гуфт, ки идоракунии рушди инноватсионӣ як раванд аст, ки мақсади он ташаккул ва амалӣ кардани ғояҳои нав ва технологияҳо барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нигаронида шуда, муҳимтарин шарти он мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити глобалӣ, технологӣ ва бозорӣ мебошад.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 5. – Меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

Ҳамин тавр, критерияҳои мазкур дар якҷоягӣ барои идоракунии ҳамаҷонибаи рушди инноватсионии соҳаи саноат, коҳиш додани хавфу хатарҳо ва зиёд кардани имконияти татбиқи бомуваффақияти технология ва маҳсулоти нав барои самаранокӣ имкон фароҳам меоварад. Бо такя ба меъёрҳои (критерияҳои) идоракунии соҳаи саноат нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионӣ барои таҳлил ва мониторинги равандҳои инноватсионӣ хеле муҳим мебошанд. Зеро иҷрои дурусти амалиёти инноватсионӣ дар корхона ё соҳа яке аз шартҳои асосии муайян намудани рушди фаъолияти корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, зарур аст, ки як қатор нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатиро нишон диҳем (ниг. ба расми 6).




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 6. – Нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

Барои ин, муҳим аст, ки на танҳо технология интихоб карда шавад, балки тамоми экосистемаи рақамӣ, ки ба якҷоя амал кардани системаҳо, гурӯҳҳо ва равандҳои истеҳсолӣ мусоидат мекунанд, ташкил карда шаванд.

Бо дарназардошти суханҳои болозикр, идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат баҳодиҳӣ ва таҳлили бисёр нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, ки татбиқи босамари технология ва рушди равандҳои инноватсиониро инъикос мекунад. Дар робита ба ин, ба андешаи муаллиф, равиши идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат як раванди муҳим барои ба роҳ мондани сиёсати дурусти истеҳсолӣ бо истифодаи технологияи муосир, аз он ҷумла рақамӣ мебошад (ниг. ба расми 7).




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 7. – Маҷмуи тадбирҳои равиши идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат як системаи мураккаб ва ҳамаҷониба буда, ба беҳтар кардани имкониятҳо ва баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои саноат дар заминаи рушди фаъолияти инноватсионӣ равона карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки рушди инноватсионии соҳаи саноат муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаҳоро (аз банақшагирии стратегӣ то ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва эҷоди фарҳанги инноватсионӣ) дар бар мегирад. Татбиқи бомуваффақияти усулҳо на танҳо ба беҳтар шудани нишондодҳои ҷорӣ, балки ба устувории дарозмуддат ва рақобатпазирии корхона заминагузор мебошанд. Барои муваффақ шудан дар ин раванд, маҳз стратегияи инноватсионӣ боис мегардад, ки мунтазам корхонаҳо ва давлат усулҳои гуногуни идоракунии рушди инноватсиониро тақвият дода, метавонанд бо эҷоди як муҳити созанда ва кумакрасон ба рушди навовариҳо ва ҳалли масъалаҳои глобалӣ таъсир расонанд.

Дар диссертатсия ба муайян кардани ҳадафҳо, афзалиятҳо ва самтҳои дақиқ дар фаъолияти инноватсионӣ барои идоракунии хатарҳо, ки хеле муҳим мебошад, диққат дода шуда, пайваста ба он дар асоси фикру мулоҳиза ва натиҷаҳо роҳҳои такмил додани равандҳои навоварӣ мавриди асосноккунӣ қарор гирифтааст (ниг. ба расми 8).




Сарчашма: таҳия муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳа.

**Расми 8. – Асосҳои методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

Ҳамин тавр, муаллиф хулоса намудааст, ки методологияи идоракунии рушди инноватсионии саноат аз маҷмуи принсипу равишҳо, усулу воситаҳо асос ёфтааст, ки он барои беҳтарсозии раванди татбиқ ва истифодаи самараноки инноватсияҳо дар истеҳсолот нигаронида шудааст. Ин ҷузъиёт барои ташкили истеҳсолоти рақобатпазир зарур мебошанд. Барои дар оянда мукаммалгардонии методологияи идоракунии рушди инносатсионии соҳаи саноат таҳияи барномаҳо ва стратегияи мушаххас ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муқаррароти чорум, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад, принсипу шартҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки дар системаи идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои саноати муносибати систематививиро инъикос намуда, дар мавриди таҳрезии сохтори институсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии саноат қарор мегираду ба баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва мутобиқшавии соҳаи саноат ба шароити бозор мусоидат менамояд, мебошад.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки дар шароити имрӯза муҳимтарин омили мусоидаткунанда ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ташаккул додани муҳити инноватсионии созгор дар заминаи истифодаи босамари технологияи рақамӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ҷаҳонишавӣ ва авҷгирии бошиддати вазъи ҷаҳон кишварҳоро водор менамояд, ки барои рақобати шадиди бозори ҷаҳонӣ дар алоҳидагӣ тобовар бошанд.

Вобаста ба ин, кишварҳои алоҳида барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти худ роҳҳои гуногунро ҷустуҷӯ намуда, принсипҳоеро интихоб менамоянд, ки бо манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯй бошанд. Муаллиф бори дигар таъкид намудааст, ки идоракунии рушди инноватсионӣ раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назорати фаъолияте мебошад, ки ба эҷод, таҳия ва татбиқи ғояҳо, маҳсулот, равандҳо ё технологияҳои нав нигаронида шуда, мақсади он баланд бардоштани ҳосилнокӣ, рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳаи саноат ба ҳисоб меравад (ниг. ба расми 8). Ҷанбаҳои асосии методологияи идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ чунин таснифу тавсиф ёфтанд:

1. Банақшагирии стратегии инноватсия. Таҳияи стратегияи дарозмуддат, ки самтҳои рушди инноватсиониро муайян мекунад. Таҳлили муҳити беруна, муайян кардани технологияҳо ва маҳсулоти ояндадор, инчунин, таҳияи ҳадафу вазифаҳои фаъолияти инноватсиониро дар бар мегирад.

2. Ташкили равандҳои инноватсионӣ. Ташкили сохтору механизмҳо барои таъмини фаъолияти босамари равандҳои инноватсионӣ. Ин метавонад таъсиси шуъбаҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, татбиқи системаҳои идоракунии донишҳо ва инноватсияҳо ва рушди фаъолияти инноватсиониро дар бар гирад.

3. Идоракунии захираҳо. Таъмини рушди инноватсионӣ бо захираҳои зарурӣ: молиявӣ, моддӣ, инсонӣ.

Таъмини рушди устувор. Татбиқи навовариҳое, ки ба рушди устувор ва тозагии экологии истеҳсолот мусоидат мекунанд, дар бар мегирад.

Муалиф принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноатиро тавсиф кардааст, ки татбиқи он ба таъмини бомуваффақият татбиқ ва рушди инноватсияҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории рушди инноватсионии соҳаи саноат мусоидат мекунанд. Зарурати ба назар гирифтани присипҳоро дар раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат таъкид намудааст (ниг. ба расми 9).




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 9. – Принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

Татбиқи принсипҳои мазкур дар соҳаи саноат имкон фароҳам меоварад, ки самаранокии идораи рушди инноватсионӣ дар сохторҳои истеҳсолӣ таъмин карда шавад ва ҳамзамон, бартарии рақобати он дар муҳлатҳои дароз таъмин карда шавад. Принсипҳои мазкур муносибати систематикӣ ва мутамарказро дар раванди идоракунии инноватсияҳо таъмин намуда, ба баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва мутобиқшавии соҳаи саноат ба шароити бозор мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин, принсипҳои мазкур барои идоракунии мунтазам ва самараноки рушди инноватсионии соҳаи саноат заминаи мусоид фароҳам оварда, татбиқи онҳо дар амалияи истеҳсолӣ на танҳо ба пайдо гардидани навоварӣ кумакрасон мебошанд, балки ин кор тавре бояд иҷро гардад, ки корхона ба ҳадафҳои стратегӣ ноил шавад, хатарҳоро коҳиш диҳад ва рушди устувори дарозмуддатро таъмин намояд.

Идоракунии рушди инноватсионӣ ва ташаккули низоми инноватсионии саноатӣ дар шароити муосир ба як ҷузъи муҳимми муваффақияти кишварҳо ва ширкатҳо табдил ёфтааст. Бо рушди навоварии технологӣ ва хатарҳои глобалӣ, ки бо суръати хеле баланд паҳн мешаванд, иқтисоди миллӣ ва саноат аз роҳи интиқоли дурусти технологияҳо ва инноватсия ба рушд ва устуворӣ мерасанд.

Дар диссертатсия инчунин, принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат, ки бештар ба мутобиқшавӣ ба шароити зудтағйирёбандаи бозор, тағйироти технологӣ ва талаботи рушди устувор нигаронида шудаанд, таснифу тавсиф гардиданд. Ин принсипҳо ба корхонаҳои саноатӣ барои навоварӣ, такмил додани равандҳои истеҳсолӣ ва рақобатпазир мондан кумак мерасонанд. Аз ин лиҳоз, илова намудани принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноатро зарур дониста, онҳо дар ҷадвали 3 нишон дода шудаанд.

Чуноне аз ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноатӣ ба ташкил додани созмони чандир, устувор ва рақобатпазир нигаронида шудаанд. Бинобар ин, зарур аст, ки онҳоро ҳангоми дар амалия татбиқ намудан, ба раванди ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар соҳаи истеҳсолот мутобиқ карда шаванд. Барои ин зарур аст, ки барномаи мушаххас таҳия карда шавад, зеро принсипҳои мазкур дар раванди идоракунии босамари равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ кумак расонида, хатарҳоро коҳиш медиҳад, ҷорӣ намудани ғоя ва технологияҳои муосирро дар соҳаи истеҳсолот имконпазир мегардонад.

**Ҷадвали 3. – Принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат**

| № | Принсипҳои муосири идоракунӣ | Мазмун ва мухтавои принсипҳо | Мисол |
|---|---|---|---|
| 1 | Принсипи рақамикунонӣ ва автоматикунонӣ | Рақамсозӣ ва автоматикунонии равандҳо омилҳои асосии идоракунии муосири инноватсия мебошанд. Ин истифодаи зеҳни сунъӣ, маълумоти калон ва дигар технологияҳои пешрафтаро барои оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва самараноктар кардани онҳо дар бар мегирад. | Системаҳои иҷроии истеҳсолӣ (МЭС), бо истифода аз таҳлили пешгӯйишаванда барои пешгирии нокомии таҷҳизот. |
| 2 | Принсипи рушди устувор | Инноватсия бояд ба рушди устувор, аз ҷумла, ҷанбаҳои экологӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва устувории иқтисодӣ мусоидат намояд. Системаҳои саноатӣ бояд технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро татбиқ кунанд, партовҳоро кам намоянд ва захираҳоро самаранок истифода баранд. | Таҳия ва татбиқи технологияҳое, ки партовҳоро кам мекунанд, гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия. |
| 3 | Принсипи чандирӣ ва мутобиқшавӣ | Системаҳои саноатӣ бояд чандир бошанд ва ба тағйирот дар бозор, талаботи нави технологӣ ва талаботи истеъмолкунандагон зуд мутобиқ шаванд. Ин имконияти зуд тағйир додани равандҳои истеҳсолот ва ҷорӣ намудани технологияи навро дар бар мегирад. | Методологияҳо дар идоракунии лоиҳа ва хатҳои истеҳсолии модулӣ барои тез гузаштан ба маҳсулоти нав имкон медиҳанд. |

Идомаи ҷадвали 3.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **4** | Принсипи инноватсионии ошкоро ва ҳамкорӣ | Системаҳои саноатии муосир бояд бо шарикони беруна, аз қабили донишгоҳҳо, стартапҳо, марказҳои таҳқиқотӣ ва дигар ширкатҳо фаъолона ҳамкорӣ кунанд. Инноватсияи кушод мубодилаи дониш, рушди муштарак ва истифодаи манбаъҳои берунии инноватсияро дар бар мегирад. | Таъсиси консорсиумҳо барои таҳқиқот ва коркарди муштарак, ҳамкорӣ бо паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо. |
| **5** | Принсипи таваҷҷуҳи муштариён | Навоварӣ бояд ба қаноатмандии муштариён нигаронида шавад. Ин дарки амиқи бозор, таҳлили ниёзҳои истеъмолкунандагон ва вокуниши зуд ба тағйироти онҳоро талаб мекунад. | Истифодаи усулҳои тафаккури тарроҳӣ барои таҳияи маҳсулот, ҳамкории зич бо муштариён дар марҳалаи прототипсозӣ. |
| **6** | Принсипи тезондани давраи навоварӣ | Дар шароити имрӯза суръат бахшидан ба раванди рушд ва инноватсия барои зуд ба бозор баровардани маҳсулот ва технологияҳои нав муҳим аст. Ин оптимизатсияи равандҳои дохилӣ ва истифодаи методологияҳои чандири идоракунии лоиҳаро тақозо менамояд. | Истифодаи методология барои идоракунии лоиҳаҳои инноватсионии бо истифода аз прототипҳои зуд ва ҳадди ақалли маҳсулоти қобили истифода. |
| **7** | Принсипи идоракунии дониш | Идоракунии самараноки дониш ҷанбаи муҳимми рушди инноватсионӣ мебошад. Ин ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани дониш дар дохили созмонро дар бар мегирад, то дастрасии иттилоот ва таҷрибаи заруриро барои таҳия ва татбиқи инноватсияҳо таъмин намояд. | Татбиқи системаҳои идоракунии донишҳои корпоративӣ, таълим ва такмили кадрҳо, ташкили ҷомеаҳои дохилии коршиносӣ. |
| **8** | Принсипи идоракунии хавфҳо ва устуворӣ | Лоиҳаҳои инноватсионӣ ҳамеша бо хатарҳо алоқамандаанд. Системаҳои муосири саноатӣ бояд механизмҳои идоракунии ин хатарҳоро дошта бошанд ва устувориро ба зарбаҳои беруна, аз қабили бӯҳронҳои иқтисодӣ ё халалдоршавии технологӣ, таъмин кунанд. | Таҳияи стратегияҳои диверсификатсия, эҷоди захираҳои захираҳо, ҷорӣ намудани системаҳои огоҳкунии қаблӣ. |
| **9** | Принсипи фардикунонӣ ва рушди сармояи инсонӣ | Сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионӣ нақши калидӣ мебозад. Сармоягузорӣ ба омӯзиши кормандон, рушди салоҳияти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби онҳо дар равандҳои инноватсионӣ муҳим аст. | Барномаҳои такмили ихтисос, истифодаи усулҳои фардии омӯзиш, ҷалби кормандон дар тавлиди ғоя. |

Идомаи чадвали 3.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Принсипи самаранокӣ ва ҳосилнокӣ | Ҷорӣ кардани таклифҳои навоварӣ бояд боиси баланд шудани самара ва маҳсулнокии кори корхона гардад. Ин баҳодиҳии дақиқи даромаднокии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва саҳми онҳо дар фаъолияти умумии ширкатро талаб мекунад. | Истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ барои арзёбии муваффақияти лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳо. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Дар диссертатсия муҳиммияти ниҳодҳои давлатиро дар системаи институсионалии муносибатҳои идоракуни асоснок карда шудааст, ки онҳо вазифаҳои ҳам банақшагирии стратегӣ ва ҳам дастгирии бевоситаи равандҳои инноватсиониро ба иҷро мерасонанд. Дар асл, вазифаи онҳо фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ намудани технологияи муосири пешқадам, ҳавасманд гардондани коркардҳои илмӣ ва мутобиқ кардани ҳамкориҳо байни иштирокчиёни гуногуни соҳаи саноат мебошад. Аммо муаллиф таъкид намудаст, ки айни замон дар Тоҷикистон аксари механизмҳо, ниҳодҳо ва салоҳиятҳо, вобаста ба рушди соҳаи саноати миллӣ, ба таври лозимӣ рушд наёфтаанд. Ҳолати мазкур мумкин аст, ки дар раванди таъмини рушди иқтисодиёт бо роҳи гузариш ба сенарияи индустриалию инноватсионӣ, тақвияти ҳамгироӣ бо кишварҳои минтақаву ҷаҳон, вобаста ба ташкили кластерҳои саноатӣ, ки тайи солҳои охир ба он аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, монеа эҷод намояд. Ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароваранд. Дар шароити феълӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, ниҳодҳои давлатӣ маблағгузории рушди инноватсиониро тавассути воситаҳои гуногун, аз қабили грантҳо, субсидияҳо ва барномаҳои давлатӣ таъмин мекунанд. Фондҳои рушди саноат ва агентиҳои инноватсионӣ дар маблағгузории муштараки лоиҳаҳое, ки ба эҷод ва рушди технологияҳои пешрафта мусоидат менамояд, фаъолона ширкат меварзанд. Дар асл, ниҳодҳои давлатӣ инфрасохтори инноватсияро дастгирӣ намуда, тавассути паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо ва ё кластерхои илмӣ дастрасиро ба таҷҳизот, лабораторияҳо ва таҷрибаи техникӣ барои корхонаҳои нав ва ширкатҳои инноватсионӣ фароҳам меоваранд. Инчунин, барномаҳои тайёр ва бозомӯзии мутахассисонеро, ки бо технологияҳои пешрафта кор карда метавонанд, татбиқ мекунанд. Зеро дастгирии таълимӣ *(илм, технология, муҳандисӣ, математика)* ва рушди салоҳиятҳои касбӣ ҷузъҳои муҳимми сиёсати рушди инноватсионӣ мебошанд.

Муаллиф таъкид намудааст, ки ниҳодҳои давлатӣ барои ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаҳои гуногун *(масалан, иқтисод, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, илм)* ва иҷрои вазифаҳои муайян алоқаманд мебошанд, аз рӯйи сохторҳои муайян таъсис дода мешаванд. Чунин муассисаҳо дар асоси захираҳои ҷамъиятӣ амал карда, ба манфиати ҷомеа амал мекунанд. Аз ин лиҳоз, хусусиятҳои асосии ниҳодҳои давлатӣ дар расми 10 нишон дода шудааст.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 10. – Хусусиятҳои асосии ниҳодҳои давлатӣ**

Дар асоси расми 10 метавон гуфт, ки ниҳодҳои давлатӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ, аз ҷумла дастгирӣ ва идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар саноат, нақши муҳим дошта, ҳадафҳои онҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди инноватсия, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта мебошанд. Масалан, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, вазорату идораҳо, институтҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳо метавонанд, ки ғояҳои созандаро вобаста ба татбиқи навовариҳо дар истеҳсолот дастгирӣ карда, бо инкишоф додани равандҳо дар рушди соҳа беш аз пеш ҳиссагузор бошанд. Дар диссертатсия ҷанбаҳои асосии нақши ниҳодҳои давлатӣ дар идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат нишон дода шудаанд (ниг. ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. – Ҷанбаҳои асосии нақши ниҳодҳои давлатӣ дар идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

| № | Ҷанбаҳои асосӣ | Ҳадаф |
|---|---|---|
| 1 | Ташаккули қонунгузорӣ ва заминаи меъёрӣ | Давлат қонунҳоеро таҳия менамояд, ки фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, стандартҳо ва имтиёзҳоро барои корхонаҳои инноватсионӣ, танзим мекунанд. |
| 2 | Дастгирии молиявӣ | Барномаҳои субсидияҳои давлатӣ ва грантӣ мутахассисонро ба таҳқиқот ва инноватсия ҳавасманд месозанд. Фондҳои махсус вуҷуд доранд, ки дар марҳалаҳои аввали рушди технология маблағгузорӣ мекунанд. |
| 3 | Таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ | Давлат ба рушди паркҳои илмӣ, технологӣ ва инкубаторҳо мусоидат мекунад, ки онҳо ба корхонаҳои хурду миёна дар ҷорӣ намудани инноватсияҳо кумак мерасонанд. |
| 4 | Ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ | Ҳукумат тавассути имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва қарордодҳои давлатӣ ширкатҳои хусусиро барои сармоягузорӣ дар инноватсия ҳавасманд мекунад. |

Идомаи ҷадвали 4.

| | | |
|---|---|---|
| **5** | Таҳсилот ва омӯзиш | Барномаҳои давлатии дастгирии таҳсилоти илмию техникӣ ва тайёр кардани мутахассисон барои кор дар бахшҳои баландтехнологӣ нақши муҳим доранд. |
| **6** | Танзим ва стандартизатсия | Ҳукумат стандарту меъёрҳои зарурираро барои ҷорӣ кардани технологияҳои нав дар саноат барои таъмини бехатарӣ ва самаранокии инноватсия муқаррар менамояд. |
| **7** | Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) | СХМ аксар вақт ангезаҳои асосии инноватсия мебошанд. Тадбирҳои дастгирии давлатӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз ва содагардонии расмиёти маъмурӣ ба рушди корхонаҳои хурду миёна дар бахши инноватсия мусоидат мекунанд. |
| **8** | Ҳамкории байналмилалӣ | Идораи давлатӣ метавонад ба иштироки кишвар дар лоиҳаҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ, ки ба таҳия ва интиқоли инноватсияҳо, инчунин, ҷалби сармоя ва технологияҳои хориҷӣ нигаронида шудаанд, мусоидат намояд. |
| **9** | Мониторинг ва арзёбии сиёсатҳои инноватсионӣ | Мақомоти давлатӣ самаранокии сиёсатҳои инноватсионии худро назорат ва баҳо медиҳанд, то стратегияҳо ва барномаҳоро мувофиқи чолишҳо ва имкониятҳои ҷорӣ ислоҳ кунанд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Дар асоси ҷадвали 4 метавон гуфт, ки ниҳодҳои давлатӣ бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегӣ барои рушди фаъолонаи муҳити инноватсионии кишвар ва ворид намудани технологияҳои пешрафта ва истифодаи онҳо дар саноат шароити заруриро фароҳам меоваранд. Дар ин замина, ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас нигаронида шудаанд. Дар натиҷа, онҳо стратегияҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз қабили иқтисод, маориф, тандурустӣ ва саноат таҳия намуда, татбиқашонро ҳамоҳанг месозанд.

**Муқаррароти панҷуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, арзёбии вазъи муосир ва қонуниятҳои рушди соҳаҳои саноат, тамоюлҳои рушди инноватсионии он, тағйироти сохтории соҳаи саноат ва ташаккулу рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ҳамчунин, институти иқтисодиву ташкилии идоракунии рушди иноватсионӣ ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати таъмини рушди инноватсионии маҳз соҳаҳои коркарди саноатӣ, ки ҷойҳои нави корӣ ва арзиши иловагиро дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) афзун мекунаду барои рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, мебошад.**

Аҳаммияти соҳаи саноат дар таъмини рушди минбаъдаи мамлакат ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин кардани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ нақши ҳалкунанда дорад ва вобаста ба ин, таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ сурат гирифта истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибистиқлолӣ корхонаҳои зиёди саноатӣ таъсис дода шуда, дар маҷмуъ, миқдори онҳо дар соли 2023 ба 3453 адад баробар гардидааст (ниг. ба ҷадвали 5). Аз маълумоти ҷадвал мушоҳида мегардад, ки дар давоми солҳои 2015–2023 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ ба миқдори 1143 адад зиёд гардида, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 30087 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 5. – Тавсифи нишондиҳандаҳои асосие, ки сатҳи рушди соҳаи саноатро аз рӯйи онҳо муайян месозанд**

| Нишондиҳандаҳо: | Солҳо: | | | | | | | | | 2023/ 2015 +,- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 1143 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои соли 2022) | 16770 | 19453 | 23815 | 26339 | 29816 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 | 30087 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ | 1961,1 | 2274,8 | 2666,5 | 2885,9 | 3201,2 | 3338,5 | 3963,5 | 4265,3 | 4554,4 | 2593,3 |
| Шумораи миёнасолонаи кормандони корхонаҳои саноатӣ (ҳазор нафар) | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 6,3 |
| Аз он коргарон | 67,0 | 65,9 | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | 72,2 | 5,2 |
| Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ (бо фоиз нисбат ба соли гузашта) | 111,3 | 116,0 | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | 109,0 | -2,3 |

Сарчашма: Ҳисоб карда шуд аз рӯйи [16,– С.9]

Дар ин давра дар корхонаҳои саноатӣ 6300 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ, яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян кардани самти рушди соҳаи саноат ба шумор рафта, мавриди баҳодиҳии ин нишондиҳанда маълум гардид, ки сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, инчунин, пешбинӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ зиёд гардида истодааст. Масалан, агар соли 2015-ум ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ 1961,1 сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда соли 2023-юм ба 4554,4 сомонӣ ё ин ки ба маблағи 2593,3 сомонӣ зиёд гардидааст.

Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 46,8 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 ба 2,8 баробар бештар шудааст. Пайваста бо зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ бамаротиб зиёд гардида, дар маҷмуъ, бо таъмини шаҳрвандон бо ҷойҳои нави корӣ ва ба роҳ мондани коркарди бештари ашёи хоми ватанӣ, инчунин, сол то сол афзоиш ёфтани ҳаҷми содирот ва зиёд гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ заминаи мусоид гузошта истодааст. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ, афзоиши мунтазами ҳаҷми маҳсулоти тамоми соҳаҳои саноатӣ низ таъмин гардида истодааст. Дар ҷадвали 6 динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат нишон дода шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015–2023 саноати истихроҷи маъдан, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ, саноати коркард, саноати металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Илова бар ин, Сарвари давлат иброз намуданд, ки: “…ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат, тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд” [14].

## Ҷадвали 6. – Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар солҳои 2015–2023

(млн. сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо: | Солҳо: | | | | | | | | | 2023/ 2015 +,- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Тамоми саноат | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 | 46857 | 34661 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 1641 | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 8906 | 9336 | 7695 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 202 | 222 | 298 | 331 | 377 | 429 | 485 | 582 | 578 | 376 |
| Истихроҷи маводҳои ғайри-энергетикӣ | 1438 | 2782 | 4226 | 4355 | 4476 | 3880 | 7924 | 8324 | 8758 | 7320 |
| Саноати коркард | 8006 | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 | 20531 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 3482 | 3690 | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7608 | 10383 | 11621 | 8139 |
| Истеҳсоли махсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 1292 | 1520 | 2354 | 2479 | 2636 | 2870 | 4096 | 4720 | 4500 | 3208 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзор | 41 | 49 | 57 | 63 | 71 | 91 | 120 | 137 | 133 | 92 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 77 | 103 | 119 | 138 | 148 | 142 | 125 | 147 | 203 | 126 |
| Истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 143 | 115 | 142 | 241 | 260 | 182 | 210 | 272 | 417 | 274 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 86 | 95 | 107 | 147 | 154 | 182 | 268 | 439 | 602 | 516 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 1450 | 1850 | 2187 | 2708 | 3874 | 4978 | 5967 | 6093 | 6486 | 5036 |
| Мошинсозӣ | 93 | 114 | 142 | 203 | 308 | 201 | 392 | 588 | 627 | 534 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ | 2549 | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 7622 | 8984 | 6435 |

Сарчашма: Ҳисоб карда шуд аз рӯйи [16,– С.14-15]

Дар баробари ин, чи тавре болотар ҳангоми таҳлили ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023-юм маълумот дода шуд, ин нишондиҳанда ба 46857 млн. сомонӣ расонида шуд, ки дар қиёс нисбат ба соли 2015-ум ба маблағи 30087 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2019-ум ба маблағи 17041 млн. сомонӣ ва нисбат ба соли 2022-юм ба маблағи 3869 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Гарчанде саноати истихроҷи маъдан давоми солҳои 2021–2023 сатҳи истеҳсолотро бо натиҷаҳои мусбат ҷамъбаст намуда бошад ҳам, аммо давоми солҳои 2015–2020 ҳаҷми истихроҷи маъдан дар қиёс нисбат ба солҳои 2021–2023 ниҳоят кам гардид. Барои мисол, агар давоми солҳои 2021–2023 ҳаҷми истихроҷи маъдан 26651 млн. сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда давоми солҳои 2015–2017 ҳамагӣ 9169 млн. сомониро ташкил намуд, ки фарқ дар ин давра 17482 млн. сомонӣ ё ин ки бештар аз 2,9 баробарро ташкил медиҳад. Агар ҳамин нишондиҳандаро давоми солҳои 2018–2020 ҳисоб намоем, маълум мегардад, ки дар ин давра ҳаҷми истихроҷи маъдан 13848 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба солҳои 2021–2023 ба маблағи 12803 млн. сомонӣ ё ин ки 52 фоиз кам мебошад.

Ҳаҷми истихроҷи маводҳои энергетикӣ дар соли 2023 ба 578,0 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2015 ба маблағи 376,0 млн. сомонӣ ё ин ки наздик ба се баробар афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард дар давраи таҳлилшаванда ба 28537,0 млн. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс нисбат ба соли 2015 ба маблағи 20531,0 млн. сомонӣ ё ин ки бештар аз сеюним баробар зиёд гардидааст. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку дар давраи таҳлилшаванда пайваста афзоиш ёфта, соли 2023 ба маблағи 11621,0 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015-ум 8139,0 млн. сомонӣ ё ин ки 3,3 баробар зиёд мебошад. Истеҳсоли

маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар давоми солҳои 2015–2023 ба 4500,0 млн. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс нисбат ба соли 2015 ба маблағи 3208,0 млн. сомонӣ ё ин ки наздик ба сеюним баробар афзоиш ёфтааст.

Бояд гуфт, ки солҳои охир махсусан, аз соли 2021 сар карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бо нишондиҳандаи назаррас афзоиш ёфта истодааст. Барои мисол, агар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба 4096,0 млн. сомонӣ расида бошад, ин нишондиҳанда соли 2020-ум 2870,0 млн. сомониро ташкил дод, ки танҳо дар давоми як сол ба маблағи 1226,0 млн. сомонӣ ё ин ки 142,7 фоиз зиёд гардидааст. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ба маблағи 5036 млн. сомонӣ зиёд гардид, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2015-ум наздик ба 4,5 баробар бештар мебошад.

Дар диссертатсия ба самтҳои рушди соҳаи саноат ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ, таҷдидсозӣ ва азнавсозии техникии соҳа таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Вобаста ба ин, хусусиятҳои хосси рушди инноватсионии саноати миллӣ, ки тавассути сармоягузориҳои хориҷӣ сурат мегирад, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Айни замон соҳаи маъданҳои кӯҳӣ ва филизоти (металлҳои) қиматбаҳо тамоюли мусбати рушд дошта, дар сохтори саноати миллӣ мавқеи калидӣ дорад. Танҳо дар соли 2020 корхонаҳои соҳаи маъданҳои кӯҳӣ ва филизоти қиматбаҳо 3,6 млрд. сомонӣ андозҳои гуногун супориданд, ки ин аз аҳаммияти баланди иқтисодиву иҷтимоӣ ва стратегӣ доштани соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Нақшаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи маъданҳои кӯҳӣ ва филизоти қиматбаҳо дар соли 2023 дар ҳаҷми 13,5 млрд. сомонӣ пешбинӣ шуда буд. Бо дарназардошти он, ки соҳаи коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва филизоти қиматбаҳо метавонад саноати миллиро бо ашёи хоми зарурӣ таъмин намояд, зарурати тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла тавассути таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ бо истифода аз равиши кластерӣ, аҳаммияти бештари иқтисодӣ дорад. Дар ин самт таъсиси кластери инноватсионии соҳавӣ мувофиқи мақсад буда, ба андешаи мо, таъсиси он дар вилояти Суғд имконпазир мебошад, чунки дар он ҷо таҷрибаи ғании ҳамкории Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон бо як қатор ширкатҳои саноати кӯҳӣ қобили таваҷҷуҳ буда, таъсиси чунин сохтор қадами устуворе дар ташаккули инфрасохтори рушди инноватсионии саноати минтақа ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар низоми давлатдории Шуравӣ бо дастовардҳои саноати сабук ва пилла маъруф буд, маҳсулоти соҳа на танҳо дар қаламрави давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, балки дар кишварҳои хориҷи дуру наздик харидорони зиёд низ дошт. Вобаста ба ин, ба рушди соҳаи саноати сабук ва пилла таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, танҳо дар соли 2021-ум 90 корхонаи нави бофандагию ресандагӣ бунёд карда шуд. Дар ин давра ба андозаи 281 млн. доллари амрикоӣ ба хориҷи кишвар маҳсулот содир карда шуд, ки асосан, нахи пахта, ресмон ва матои пахтагин, ҷӯроб, маҳсулоти дӯзандагӣ, пӯсти хом ва коркардшударо дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи рушди корхонаҳои саноати сабук дар ҷадвали 7 дарҷ ёфтаанд.

### Ҷадвали 7. – Нишондиҳандаҳои корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000–2023

| Нишондиҳандаҳо: | Солҳо: | | | | | | | | | 2023/ 2000 +,- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 106,8 | 85,0 | 112,3 | 98,2 | 114,7 | 119,6 | 119,8 | 127,1 | 127,4 | 20,6 |
| Чигит, ҳазор тонна | 182,8 | 133,2 | 179,9 | 151,1 | 155,7 | 156,4 | 144,9 | 197,1 | 192,4 | 9,6 |
| Тибити пахта, ҳазор. тонна | 5864 | 3398 | 3828 | 7607 | 2708 | 1799 | 1753 | 2480 | 3312 | -2552 |
| Улюк (тораки пахта), тонна | 2443 | 1711 | 1780 | 2175 | 1728 | 2402 | 2777 | 2745 | 3016 | 573 |
| Пат, тонна | 4149 | 1287 | 1471 | 1583 | 1498 | 1891 | 2105 | 2325 | 2542 | -1606 |
| Пахта, тонна | 717 | 5762 | 5547 | 5627 | 17214 | 28648 | 27933 | - | - | - |
| Калобаи пахтагӣ, тонна | 1 5005 | 8944 | 17211 | 20740 | 20912 | 17866 | 21535 | 18790 | 20339 | 5334 |
| Газвори пахтагӣ, ҳазор метри мураббаъ | 11 485 | 2536 | 3358 | 7512 | 6998 | 7378 | 8183 | 25626 | 24458 | 12973 |
| Маводи нобофта, ҳазор метри мураббаъ | 1820 | 767 | 938 | 1227 | 2173 | 2224 | 2166 | 2214 | 2123 | 303 |
| Ресмони абрешими хом, тонна | 87,5 | 8,1 | 6,8 | 3,8 | 8,9 | - | - | - | - | - |
| Газвори абрешимӣ, ҳазор метри мураббаъ | 253 | - | - | 19,4 | 21.4 | 21,9 | 22,2 | 28,8 | 37,6 | -215,4 |
| Қолин ва маснуоти қолинӣ, ҳазор метри мураббаъ | 341,2 | 1705 | 2836 | 3407 | 3937 | 2658 | 4534 | 6401 | 5739 | 5397,8 |
| Маҳсулоти кашбофӣ, ҳазор дона | 281 | 358,0 | 101,3 | 122,4 | 139,9 | 160,8 | 145,4 | 433,6 | 256,4 | -24,6 |
| Газвори кашбофӣ, тонна | - | 13,5 | 9,0 | 10,5 | 8,5 | 44,5 | 55,0 | 46,9 | 29,0 | 29,0 |
| Ҷӯробу пайпоқ, ҳазор ҷуфт | 3110 | 2829 | 3752 | 5687 | 4124 | 7807 | 15409 | 14803 | 10053 | 6943 |
| аз он кӯдакона | - | 86,5 | 938,5 | 1097,6 | 126,0 | 0,0 | 3629,6 | 966,0 | 67,9 | 67,9 |

Сарчашма: Ҳисоб карда шуд аз рӯйи [16,– С.57]

Муаллиф дар асоси таҳлилҳо хулоса баровардааст, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми маҳсулоти саноати сабук тамоюли нобаробар дошта, аз рӯйи аксари нишондиҳандаҳо камшавии сатҳи истеҳсолот ба чашм мерасад. Агар ин, аз як тараф, ба коҳиш ёфтани майдони кишти пахта ва мутаносибан кам шудани истеҳсоли он вобаста бошад, аз тарафи дигар, сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти соҳа ба кам гардидани истеҳсоли маҳсулот оварда расонидааст. Бинобар ин, дар марҳалаи муосир зарурати тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва бунёди инфрасохтори инноватсионии соҳа аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Сипас дар диссертатсия арзёбии нишондиҳандаҳо барои эҷоди равандҳои самаранок ва мутобиқ кардани амалҳои инноватсионӣ бо ҳадафҳои устувор ва экологии корхона муҳим дониста мешавад. Барои иҷрои арзёбӣ як қатор усулҳо ва методологияҳо пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар пояи омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд (ниг. ба ҷадвали 8).

Ба андешаи муаллиф, муҳимтарин нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ инҳо дохил мешаванд:

1. **Молиявӣ.** Маълумот дар бораи таъсири молиявии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дастовардҳои молиявии маҳсулот ва хидматҳои нав.
2. **Технологӣ.** Натиҷаҳои пешниҳоди технологиҳои нав, рушди патентҳо ва навоварӣ дар маҳсулот ва равандҳои истеҳсолӣ.
3. **Экологӣ.** Арзёбӣ аз рӯйи кам кардани партовҳо, сарфаи манбаъҳои табиӣ ва истифодаи технологиҳои “сабз”.
4. **Иҷтимоӣ.** Арзёбӣ дар бораи таъсири иҷтимоии лоиҳаҳои инноватсионӣ, мисли таъсири мусбат ба ҷомеа ва рушди малакаи кормандон.
5. **Ташкилӣ.** Меъёрҳои идоракунии самаранок ва ҳамоҳангии фаъолияти лоиҳаҳои инноватсионӣ дар дохили корхона.

**Ҷадвали 8. – Усулҳои арзёбии системаи идоракунии рушди инноватсионӣ**

| № | Усулҳо | Афзалиятҳо |
|---|---|---|
| 1 | Таҳлили SWOT (Strengths, Weaknesses, Opportunities, Threats) | Ба андешаи пажуҳишгар Е.Н. Чернавских: "…камбудии асосӣ набудани системаи автоматикунонии равандҳои кор аст"[22]. Ин таҳлил ба муайян кардани нуқсону имкониятҳо барои такмили низомҳои идоракунии инноватсионӣ кумак мерасонад. Он дарк кардани қудратҳои дохилии корхона ва таҳдидҳои берунаро ба назар мегирад, ки барои рушди идоракунии инноватсионӣ муҳим мебошанд. Барои таҳлили вазъи дохилӣ ва хориҷии як корхона, вобаста ба зарфияту имкон ва хатарҳо, истифода мешавад. Ҳадафи он муайян кардани ҷойгоҳ ва шиносоии имконияту хатарҳо барои ё кумак ба қабули қарорҳо ва ё барномасозии стратегияҳои оянда мебошад. |
| 2 | Таҳлили PESTEL (Political, Economic, Social, Technological, Environmental, and Legal factors) | Дар ин хусус муҳаққиқи ватанӣ Х.Ҳ. Ғуломов қайд менамояд, ки: "…дар идоракунии давлатӣ торафт бештар таҳлили SWOT ва PESTEL, технологияҳои баҳодиҳии иқтидори бозор, рақобатпазирии кишварҳо ва минтақаҳо истифода мешаванд" [18,–С.192]. Усули таҳлили муҳити макроиқтисодӣ, ки таъсироти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, экологӣ ва ҳуқуқиро бар рӯйдодҳои инноватсионӣ ва фаъолияти корхонаҳо арзёбӣ мекунад. Он кумак мерасонад, ки корхонаҳо дарк кунанд, ки кадом омилҳо метавонанд ба рушди инноватсионӣ таъсир расонанд. |
| 3 | Таҳлили KPI (Нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ) | Кумак мерасонад, ки ба воситаи индикаторҳои иҷро, корхона барои фаҳмидани самарабахшии стратегияҳои инноватсионӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои худ мутобиқ ба ҳадафҳои умумӣ қарор гирад. |
| 4 | Моделҳои идоракунии бо ворид намудани амалиёте бо маъруфи PACE (Plan, Act, Check, Evaluate) | Модели PACE (Process, Architecture, Culture, Environment) як модели маъруфи идоракунии аст, ки барои таҳлили ва беҳтар кардани раванди амалиёт ва муҳити корӣ дар ташкилотҳо истифода мешавад. Модели PACE дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла стратегияи идоракунии бизнес, инноватсия ва таҳаввулот дар ташкилотҳо, ҷараёни амалро ба таври муассир ислоҳ ва муназзам мекунад. Бинобар ин, модели мазкур барои баҳодиҳии муваффақият ва шиддат ва суръат дар амалӣ кардани чорабиниҳои инноватсионӣ мувофиқ мебошад. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки истифодаи дурусти низоми инноватсионии идоракунӣ барои рушди устувори соҳаи саноат дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист нақши муҳим дорад. Барои ноил шудан ба рушди устувори системаи саноатӣ усулҳои инноватсионӣ ва системаҳои идоракуниро дар самтҳои зерин муттаҳид намудааст:

– манбаъҳои барқароршавандаи энергия. Истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (энергияи офтоб, шамол ва ғайра) ҳамчун манбаи асосии энергия барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ.

– баҳисобгирӣ ва идоракунии давраи маҳсулот. Бо низоми инноватсионии идоракунӣ дар ҳама марҳалаҳои истеҳсол, истифода ва пешниҳоди маҳсулот таъсири муҳити зист ба назар гирифта мешавад. Масалан, метавонад эко-дизайн

ва ё истифодаи мавод ва технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар равандҳои истеҳсолот бошад.

– ташкили ҷойҳои кори устувор. Муносибатҳои инноватсионии идоракунии кадрҳо, ки ба рушди иҷтимоӣ, такмили ихтисоси кормандон ва беҳтар кардани шароити меҳнатӣ ва зиндагии кормандон мусоидат мекунанд.

Дар диссертатсия, вобаста ба он, ки шароити муосир барои Тоҷикистон бунёди заминаҳои мусоид ҷиҳати таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар бо роҳи гузариш ба сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад, ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Барои тавсеа додани ин самтҳои бунёдӣ, истифодаи усулҳои гуногуни методии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки метавонад ба суръати рушд, самаранокӣ ва навовариҳо таъсиргузор бошад, пешниҳод шудааст (ниг. ба ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. – Усулҳои методии идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ**

| № | Усул | Ҳадаф ва натиҷаҳо |
|---|---|---|
| 1 | Таҳлили стратегӣ ва пешгӯӣ | Истифодаи таҳлили тамоюл ва пешгӯӣ барои муайян намудани тамоюлҳои оянда ва ниёзҳои бозор, аз ҷумла, пешгӯиии талабот ба маҳсулоти инноватсионӣ ва рушди равандҳои саноатӣ метавонад кумак расонад. |
| 2 | Идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ | Барои ба тағйироти бозор зуд мутобиқ шудани методологияҳои идоракунии лоиҳа барои лоиҳаҳои инноватсионӣ нақши асосӣ дорад. Барои дар кӯтоҳтарин муддат афзоиши самаранокӣ усули мазкур имкон медиҳад, ки корхонаҳо лоиҳаҳои инноватсиониро бо суръати баланд ва озмоиши технологияҳои нав, вобаста ба имконият, сарфаи вақт ва камтар саҳву хатоҳо идора намоянд. |
| 3 | Ҳамкории байналмилалӣ | Ба суръатбахшии раванди таҳия ва татбиқи қарорҳои инноватсионӣ мусоидат намуда, рушди шарикӣ бо донишгоҳҳо, ширкатҳо, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ имкон медиҳад, ки бо омухтани таҷриба ва ҷалби бештари технологияҳои беруна ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ заминаи асосӣ гузорад. |
| 4 | Идоракунии сармоягузорӣ ба технологияҳои «сабз» ва устувор | Вобаста ба афзоиши аҳаммияти устувории экологӣ ҷалби бештари самроягузориҳо дар технологияи «сабз» муҳим буда, ба арзёбии самаранокии сармоягузорӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Чунки сармоягузории бештар дар технологияи «сабз» имкон медиҳад, ки суръати рушд дар самтҳои устувор ва иқтисоди «сабз» беҳтар карда шавад. |
| 5 | Менеҷменти ташаккули муҳити эҷодкорона ва технологӣ | Барои ҳавасмандкунии навоварӣ, ҳамкории байнисоҳавӣ ва дастгирии ташаббусҳои кормандон барномаҳои махсус таҳия шуда, масъалаи татбиқи инноватсия ва таълим гирифтани кормандони навро бештар дар бар мегирад. Ин як равандест, ки бо истифода аз таҷриба, ҷамъоварӣ, мубодила ва ҳифзи донишҳои муҳандисӣ ва инноватсионӣ доир ба технологияҳои нав кумак мерасонад. Дар натиҷа, кормандон бо истифода аз таҷриба омодаанд ғояҳоро тавлид ва равишҳои навро пешниҳод намоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| **6** | Идоракунии хавфҳои инноватсионӣ | Мусаллам аст, ки хавфҳои марбут ба инноватсия метавонанд гуногун ва баланд бошанд. Аз ин лиҳоз, корхонаҳо метавонанд бо истифодаи таҳлили хавфҳои техникӣ ва иқтисодӣ, хатару оқибатҳои ногуворро доир ба инноватсияҳои татбиқшаванда пешгӯйӣ ва идора намоянд. Раванди мазкур ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки саривақт оқибатҳои манфии эҳтимолии ташаббусҳои нав арзёбӣ гардида, дар ҳолати нокомӣ нақшаи амал таҳия карда шавад. |
| **7** | Таҳияи харитаи роҳ | Ҳадаф аз пешгӯйии технологӣ ва харитаҳои роҳ дар он аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ банақшагирӣ ва пешгӯйии муҳлатҳои ҷорӣ кардани навоварӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро сохтори харитаи роҳҳои технологӣ марҳалаҳои асосӣ ва технологияҳои заруриро дар бар гирифта, ба тавре инфиродӣ ё дар ҳамбастагӣ рушди инноватсионӣ бо суръати баланди рақобатпазирӣ таъмин карда шавад. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Ҳар як усул дар самти амалишавии инноватсияҳо хусусиятҳои хосси худро дошта, ки дар соҳаи саноат барои амалишавии стратегиҳои инноватсионӣ кумак мерасонад. Зимнан, ҳар усул низ дар баробари афзалиятҳои худ камбудиҳои мушаххасе низ дорад. Ҳар яке аз ин усулҳо метавонад барои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатии кишвар нақши ҳалкунанда дошта бошанд. Дар ин ҷода арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори инноватсионии соҳаи саноат, таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки нишондиҳандаҳо дар заминаи оморӣ зарур аст. Бинобар он системаи нишондиҳандаҳо маҷмуи васеи нишондиҳандаҳоро барои арзёбии иқтидори инноватсионӣ тавсиф шудааст (ниг. ба ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. – Нишондиҳандаҳо доир ба арзёбии самаранокии идоракунии корхонаи саноатӣ**

| № | Нишондиҳанда | Маъно | Тартиби ҳисобкунӣ |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Ҷузъи молиявӣ** | | |
| 1.1. | Ҳиссаи хароҷоти дохилии таҳқиқотӣ ва технологӣ дар хароҷоти умумии истеҳсолот | К1 | К1=Зкитк+Зт/Зум |
| 1.2. | Шиддати илмии маҳсулоти истеҳсолшуда | К2 | К2=Зкитк/Vпр |
| 1.3. | Таъмини моликияти зеҳнӣ | К3 | К3=НА/ВНА |
| 1.4. | Ҳиссаи хароҷот барои ба даст овардани дороиҳои ғайримоддӣ дар хароҷоти дохилии таҳқиқотӣ | К4 | К4=Зна/Зкитк |
| 1.5. | Ҳиссаи хароҷот доир ба такмили ихтисос ва тайёр кардани кадрхо дар хаҷми умумии хароҷот доир ба корҳои таҳқиқоти илмӣ | К5 | К5=Зок/Зкитк |
| **2.** | **Ҷузъи кадрӣ** | | |
| 2.1. | Саҳми онҳое, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд, дар шумораи умумии кормандони корхона | К7 | К7=Чкитк/Чоб |
| 2.2. | Таъмини кадрҳои баландихтисос | К8 | К8=Чвк/Чкитк |
| 2.3. | Дараҷаи маоши мутахассисони илмию техникӣ | К9 | К9=ЗПнтс/ЗПп |
| **3.** | **Ҷузъи моддӣ ва техникӣ** | | |
| 3.1. | Базаи техникӣ ва технологӣ, ки барои таҳқиқот ва конструкторӣ пешбинӣ шудааст | К10 | К10=Окиткт/Ооб |
| 3.2. | Пешрафти таҷҳизот | К11 | К11=Опр/Ооб |
| 3.3. | Модернизатсияи таҷҳизот | К12 | К12=Ом/Ооб |
| 3.4. | Сатҳи қабули технологияи нав | К13 | К13=ОПФн/ОПФ |

Идомаи ҷадвали 10.

| 4. | Ҷузъи иттилоот | | |
|---|---|---|---|
| 4.1. | Хароҷоти фаъолияти иттилоотӣ | К14 | К14=Зид/Зкитк |
| 4.2. | Кормандони ба фаъолияти иттилоотӣ машғулбуда | К15 | К15=Чид/Чкитк |
| 4.3. | Ҷузъи бозор | | |
| 4.4. | Суръати коркарди маҳсулоти нав | К16 | К16=ВРин/ВРоб |
| 4.5. | Рақобатпазирии маҳсулот | К17 | К17=Цi/Цi |
| 4.6. | Дараҷаи техникии корхона | | |
| 4.7. | Бозгашти дороиҳо | Кт1 | Кт1=Qтп/Сопф |
| 4.8. | Таносуби сармояи меҳнат | Кт2 | Кт2=Сопф/Nсп |
| 4.9. | Навсозии воситаҳои асосӣ | Кт3 | Кт5=Св/Сг |
| 4.10. | Фарсудашавии таҷҳизот | Кт4 | Кт6=Си/Спи |
| 4.11. | Ихтиёрдории воситаҳои асосӣ | Кт5 | Кт8=1-Синт/Ст |
| 4.12. | Ташкили меҳнат | | |
| 4.13. | Ташкили ҷойҳои корӣ | Kol | Ко1= |
| 4.14. | Интизоми кор | Ко3 | Ко5=1-tв+tц/Тумум |
| 4.15. | Истифодаи тахассуси кормандон | Ко4 | Ко7=Rф/Rр |
| 4.16. | Механиконидани меҳнат | Ко5 | Ко8=1-То/То |
| 4.17. | Ивазкунии кадрҳо | Ко6 | Ко9=(Чс+Чпр)/Чсп |
| 5. | Ташкили идоракунӣ | | |
| 5.1. | Ритми фурӯши мол ё расонидани мол | Ку1 | Ку1=Nпс/Nобщ |
| 5.2. | Сифати иҷрои вазифаҳои идоракунӣ | Ку2 | Ку4=1-сав/Тумум |
| 5.3. | Иқтисодиёти дастгоҳи идоракунӣ | Ку3 | Ку5=Ан/Аф*Чн/Чф |
| 5.4. | Индикатори мутамарказкунии вазифаҳои идоракунӣ | Ку4 | Ку6=Чц/Чумум |
| 5.6. | Нишондиҳандаи ташкили ҷойҳои корӣ ва хизматрасонӣ | Ку5 | Ку9=Nоо/Nр |
| 5.7. | Нишондиҳандаи шароити меҳнати кормандони роҳбарикунанда | Ку6 | Ку10=а1*Sф/Sн+а2*ф/Шн+а3*Оф/Он |
| 5.8. | Нишондиҳандаи самаранокии истифодаи вақти корӣ | Ку7 | Ку11=1-Тнп/То |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Ҳамин тариқ, равиши методологии мазкур ба эҷоди раванди муназзам ва устувори рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ нигаронида шуда, ба рақобатпазирӣ ва муваффақияти дарозмуддати онҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, дар шароити бо молу маҳсулоти воридотӣ пур намудани бозорҳои дохилӣ зарур аст, ки имконияти маҳдуд гардидани мавқеи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ пурра зери назорати ҷиддӣ қарор гирад.

**Муқаррароти шашум, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, арзёбии тарафҳои мусбату манфии консепсияҳои муосири ҳамгироии саноатӣ ва коркарди консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ, унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии он дар саноат, тавсифи сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун механизм ва омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, мебошад.**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки “Консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ” раванд ё стратегияест, ки бо мақсади муттаҳид намудани унсурҳои гуногуни марбут ба фаъолияти инноватсионӣ, усулу ғояҳои навро ба ҳам пайванд намуда,

ба рушди устувор, рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолият дар шароити бозор заминаи мусоидро фароҳам меоварад. Илова бар ин, Консепсияи мазкур муҳимияти ҳамкории байни секторҳо, институтҳо ва иштирокчиёни имконпазирро дар бар мегирад (ниг. ба ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11. – Унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии ҳамгироии инноватсионӣ**

| № | Ҳадаф | Натиҷа |
|---|---|---|
| **1** | | **Унсурҳои асосии ҳамгироии инноватсионӣ** |
| **1.1.** | Технология | Мутобиқсозӣ ва ворид кардани технологияҳои нав ба равандҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ. |
| **1.2.** | Раванди идоракунӣ | Тағйир додани механизмҳои идоракунӣ барои татбиқи самараноки инноватсияҳо. Ин унсур равишҳои нави идоракуниро фаро мегирад, ки ба афзоиши самарабахшии фаъолияти ташкилот мусоидат мекунанд. |
| **1.3.** | Шабакаҳо ва ҳамкорӣ | Тақвияти ҳамкорӣ бо шарикон, муассисаҳои таҳқиқотӣ ва дигар ташкилотҳо барои баланд бардоштани имкониятҳои инноватсионӣ. |
| **1.4.** | Маърифати кормандон | Сармоягузорӣ ба омӯзиш ва рушди малакаҳои кормандон барои ҳавасмандгардонӣ истифодабарии технологияву равишҳои нав барои татбиқи самараноки навовариҳо тақозои замон мебошад. |
| **1.5.** | Таъмини мутобиқат | Ташкили раванду стратегияҳое, ки мувофиқатро бо талаботи қонунӣ, стандартҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ таъмин менамоянд. |
| **2** | | **Мақсадҳои ҳамгироии инноватсионӣ** |
| **2.1.** | Баланд бардоштани рақобатпазирӣ | Дар бозор бо истифода аз технологияҳои пешрафта ё моделҳои нави тиҷоратӣ пешсаф будан мебошад. Ҳадафи асосӣ эҷоди афзалиятҳои рақобатӣ ва нигоҳдории мавқеи пешсаф дар бозор аст. |
| **2.2.** | Тағйир додани маҳсулот ё хизматрасонӣ | Ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ, ки ба беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ё васеъ намудани доираи онҳо равона шудаанд. Ин метавонад ба афзоиши қаноатмандии муштариён (мизоҷон) ва ба даст овардани бозорҳои нав мусоидат намояд. |
| **2.3.** | Самаранокии равандҳо | Технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои истеҳсолот ва идоракунӣ зудтар, арзонтар ва бо камтарин сарфи захираҳо амалӣ гарданд. |
| **2.4.** | Дастгирии рушди устувор | Инноватсияҳо ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, кам кардани партовҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия равона шудаанд. Ҳадаф нигоҳдории муҳити зист ва таъмини шароити мусоид барои наслҳои оянда мебошад. |
| **2.5.** | Ташкилоти рақамӣ ва интеллектуалӣ | Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла системаҳои идоракунии интеллектуалӣ, автоматикунонии равандҳо ва истифодаи зеҳни сунъӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ. Ин равиш ба афзоиши самаранокии идоракунӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти бозор мусоидат мекунад. |
| **3** | | **Афзалиятҳои ҳамгироии инноватсионӣ** |
| **3.1.** | Рушди иқтисодӣ | Истифодаи технологияҳои нав ва равишҳои инноватсионӣ афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро таъмин намуда, инноватсияҳо метавонанд дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла истеҳсолот, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ, ҳосилнокӣ ва самаранокии корро баланд бардоранд. |
| **3.2.** | Мустаҳкамсозии ҳамкорӣ | Инноватсия ба ҳамгироии беҳтари бахшҳои давлатӣ, хусусӣ ва таҳқиқотӣ мусоидат мекунад. Ташкили платформаҳои муштарак барои ҳамкорӣ, марказҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳаҳои шарикӣ метавонад манфиатҳои зиёд оварад. |
| **3.3.** | Беҳбудии зиндагии аҳолӣ | Инноватсияҳои иҷтимоӣ, ба мисли платформаҳои рақамӣ барои таълими онлайнӣ ё дастрасии тиббӣ, шароити зиндагиро беҳтар мекунанд. Технологияҳои пешрафта, аз қабили хонаҳои интеллектуалӣ ва воситаҳои нақлиёти электрикӣ, бароҳатии мардумро таъмин менамоянд ва ба сарфаи захираҳои табиӣ мусоидат мекунанд. |

| | | |
|---|---|---|
| **3.4.** | Пайдоиши бозорҳои нав | Имкониятҳои нави иқтисодиро фароҳам оварда, шароит барои пайдоиши бозорҳои навро муҳайё месозанд. Масалан, рушди соҳаи энергияи барқароршаванда, аз қабили офтобӣ ва бодӣ, на танҳо бозорҳои навро мекушояд, балки талабот ба ихтисосҳои навро ба миён меоварад. |
| **3.5.** | Муқовимат ба таҳдидҳои экологӣ | Технологияҳои «сабз» ва инноватсияҳо дар соҳаи экология метавонанд таъсири манфии фаъолияти саноатиро ба муҳити зист коҳиш диҳанд. Масалан, риояи равишҳо на танҳо экологияро ҳифз менамоянд, балки ба татбиқи стратегияҳои рушди устувор низ кумак мерасонанд. |
| **4** | **Стратегияҳои асосӣ барои ҳамгироӣ** | |
| **4.1.** | Ҳавасмандии молиявӣ | Ин стратегия ба эҷоди дастгирии молиявӣ барои рушди технологияҳо ва таҳқиқот равона шудааст. |
| **4.2.** | Шабакасозии байналмилалӣ | Барои таъмини рушди устувор, ҷалби таҷриба ва технологияҳои пешрафта аз дигар кишварҳо муҳим аст. |
| **4.3.** | Дастгирии соҳибкорӣ | Эҷоди муҳити мусоид барои рушди стартапҳо ва соҳибкорӣ ин як қисми асосии стратегияи ҳамгироӣ мебошад. |
| **4.4.** | Таҳкими малакаҳо | Рушди кадрҳои баландихтисос барои амалисозии инноватсияҳо хеле муҳим буда, омӯзиши кадрҳо барои истифодаи технологияҳои нав тақозои замон аст. |
| **5** | **Натиҷаи ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат** | |
| **5.1.** | Баланд бардоштани самаранокӣ | Инноватсияҳо дар равандҳо, технологияҳо ва идоракунӣ ба кам кардани хароҷот, баланд бардоштани истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳо мусоидат мекунанд. |
| **5.2.** | Таҳкими экосистемаҳои инноватсионӣ | Ҳамкорӣ байни ширкатҳо, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҳукуматҳо ва ҷомеа барои ташкили муҳити мусоид барои эҷоди навовариҳо таҳким меёбад. |
| **5.3.** | Пешрафти илм ва технология | Инноватсияҳо рушди соҳаҳои илмӣ ва технологиро метезонанд, ки боиси пайдо шудани дониш ва технологияи нав мегарданд. |
| **5.4.** | Эҷоди бозорҳои нав ва маҳсулоти инноватсионӣ | Ташаккули маҳсулот ва хизматрасониҳои нав бо эҳтиёҷоти тағйирёбандаи истеъмолгарон мувофиқ карда мешавад. |
| **5.5.** | Тавлиди маҳсулоти баландсифат ва рақобатпазир | Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки маҳсулот бо сифат ва самаранокии баланд истеҳсол карда шавад. |
| **5.6.** | Пайдоиши рақобати созанда | Ҳамгироии инноватсионӣ рақобатро дар сатҳе афзоиш медиҳад, ки он ба таҳия ва татбиқи қарорҳои беҳтарин равона карда мешавад. |
| **5.7.** | Воридшавӣ ба бозорҳои нави байналмилалӣ | Бо шарофати маҳсулоти рақобатпазир ва технологияҳои нав, ширкатҳо метавонанд ба бозорҳои глобалӣ ворид шаванд ва мавқеи худро тақвият бахшанд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Дар асоси мазмуни ҳамгироӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳамгироии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ раванди муттаҳид кардани сармоя, васеъ намудани алоқаҳои технологӣ ва истеҳсолӣ, истифодаи базаи ресурсҳо, зиёд кардани иқтидори иқтисодӣ дар ташкили фаъолият мебошад. Дар рафти татбиқи инноватсионии ҳамгироӣ маҳсулоти илмию техникӣ ба вуҷуд меояд, ки инноватсия метавонад шакли технология, маҳсулот, равандҳои ташкили истеҳсолот ва идоракуниро дошта бошад. Гуногунии навъҳои навоварӣ имкон медиҳад, ки онҳо ба гурӯҳҳо бо дарназардошти доираи татбиқ ва пайдоиши таъсир муттаҳид карда шаванд. Ҳангоми муайян кардани миқёс, дараҷаи навоварӣ, механизми татбиқ, самти таъсир, гурӯҳбандии навоварӣ истифода мешавад, ки дар расми 11 нишон дода шудааст.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 11. – Раванди ҳамгироии инноватсионӣ**

Муаллиф қайд кардааст, ки нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии тавассути пешрафтҳои технологӣ, такмили сифати маҳсулот, беҳтар кардани хидматрасонӣ ва зиёд шудани рақобатпазирӣ афзуда истодааст. Аз ин лиҳоз, ҷанбаҳои асосии нақши ҳамгироии инноватсионӣ алоҳида таъкид шудаанд (ниг. ба расми 12).

Аз расм аён мегардад, ки ҳамгироии инноватсионӣ аз ҷониби давлат тавассути таҳияи барномаҳои дастгирии инноватсия, таъмини гранту қарзҳои имтиёзнок барои лоиҳаҳои инноватсионӣ метавонад самаранок бошад. Бо дарназардошти ин, аз сиёсати миллии рушд ва фароҳамсозии инфрасохтори илмӣ сар карда, то ба таълим ва тайёрии кадрҳо ниҳоят зарур буда, на танҳо ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат рушдро метезонад, балки дар барқарор кардани устуворӣ ва рушди иқтисодиёт нақши ҳалкунанда мебозад.




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳа.

**Расми 12. – Ҷанбаҳои асосии ҳамгироии инноватсионӣ**

Пешрафти илмию техникӣ фаъолият доир ба омӯзиши амиқи қонунҳои тараққиёти табиат ва ҷомеа мебошад, ки дар асоси онҳо воситаю объектҳои меҳнат, ҷараёнҳои истеҳсолот, шаклҳои ташкили истеҳсолот ва хоҷагидорӣ ба вуҷуд оварда ва такмил дода мешаванд. Сабаби ин норасоиҳо дар он аст, ки мактабҳои олии зикргардида таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолиро мувофиқи талаботи замони муосир роҳандозӣ накарда истодаанд. Албатта, ин ба пешрафти саноатикунонии кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Дар сатҳи паст қарор доштани ҳамкориҳои илм ва раванди таълим бо истеҳсолот, аз оқилона ташкил накардани ҳамкориҳои тарафайн дарак медиҳад. Дар ҷадвали 12 сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, оварда шудааст.

Аз ҷадвали 12 метавон хулоса баровард, ки стратегияи мазкур ба рушди дарозмуддати низоми инноватсионии саноатӣ ва таъмини устувории иқтисодиёт метавонад ёрӣ расонад. Зеро ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот як модели ҳамкории стратегӣ буда, ба рушди устувор ва навоварӣ дар соҳаҳои гуногун иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин ҳамгироӣ ҳамчун як механизми асосӣ барои таъмини рушди илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тавсеаи истеҳсолоти рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 12. – Муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат**

| № | Омӯзиши нақши ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот | | Афзалиятҳои ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот | | Тавсияҳо барои беҳбуди ҳамгирой | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Таҳсилот** | Таҳсилоти муосир бояд ба омодасозии мутахассисони баландихтисос равона шавад, ки қобилияти истифодаи технологияи пешрафтаро доранд. Барномаҳое, ки бо дарназардошти талаботи воқеии саноат таҳия шудаанд, барои пайвастани донишҷӯён ба бозори меҳнат хеле муҳиманд. | **Омодагии кадрҳо ба талаботи саноат** | Бо ҳамкории фаъол бо донишгоҳҳо, корхонаҳо метавонанд мутахассисони омодашударо ба кор гиранд, ки ба пешрафти истеҳсолот таъсири мусбат мерасонанд. | **Таҳкими муносибатҳои корхонаҳо бо донишгоҳҳо** | Баргузории лоиҳаҳои муштарак, таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён дар корхонаҳо ва барномаҳои омӯзишии якҷоя метавонанд алоқаҳоро пурзӯр кунанд. |
| 2 | **Илм** | Марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тавассути коркарди технологияҳои нав ва пешниҳоди роҳҳалҳои инноватсионӣ ба корхонаҳо, заминаи асосиро барои рушди саноат фароҳам меоранд. Ҳамзамон, таҳқиқоти бунёдӣ ва татбиқӣ имкон медиҳад, ки заминаи илмии ҷорӣ ба талаботи нави бозор ҷавобгӯй бошад. | **Суръатбахшии рушди инноватсия** | Технологияҳои пешрафта зудтар ба истеҳсолот ворид мешаванд, ки ин ба навоварӣ ва баланд шудани самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад. | **Ташкили паркҳои технологӣ ва инноватсионӣ** | Платформаҳо барои ҳамкории илм, таҳсилот ва истеҳсолот муҳити мувофиқро барои рушди якҷоя таъмин мекунанд. |
| 3 | **Истеҳсолот** | Истеҳсолот, ҳамчун муҳити амалисозии технологияҳои илмӣ ва татбиқи маҳоратҳои омӯхташуда, хизмат мекунад. Корхонаҳо метавонанд бо дастгирии илмӣ ва кадрҳои омӯзонида дар бозор рақобатпазир шаванд. | **Тақвияти иқтисодиёти миллӣ** | Навовариҳои саноатӣ метавонанд ба рушди иқтисодиёт, коҳиши вобастагӣ аз технологияҳои хориҷӣ ва таъмини рақобатпазирии миллӣ кумак кунанд. | **Дастгирии давлатии ҳамгирой** | Пешниҳоди имтиёзҳо, грантҳо ва субсидияҳо барои корхонаҳо ва марказҳои илмӣ, ки ҳамкории инноватсионӣ мекунанд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳа.

Бар асоси ин, муҳим аст, ки ҳамгироии илм дар ин сатҳ, аввалан, ба ҳадафҳои стратегӣ ва тараққиёти мамлакат равона гардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳор ҳадафи стратегиро муайян кардааст, ки барои рушди иҷтимоии иқтисодӣ ва устувории кишвар аҳаммияти зиёд доранд. Бо дарназардошти ин, самтҳои афзалиятноки илмӣ бояд дар доираи ин ҳадафҳо таҳия шаванд ва тамоми неруи илмии муассисаҳои илмии кишвар бояд асосан, ба таҳқиқ ва ёфтани роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо равона карда шавад. Дарвоқеъ, муайян шудани ҳадафҳои стратегии давлат, ҳамчун равияҳои афзалиятноки илм, беҳтарин ва муҳимтарин воситаи муттаҳид кардани неруи зеҳнии кишвар, қатъ кардани бисёрмавзуъӣ ва таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи илм ва таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад (расми 13).

Тавассути кластерҳо имкон фароҳам оварда мешавад, ки илм ва таҳсилот барои рушд ва инноватсия дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа иқдомоти зарурӣ эҷод намоянд. Дар натиҷа, боиси беҳбуди равандҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти муосиру баландсифат хоҳад гашт. Ба андешаи мо, "равиши кластерӣ ба роҳи инноватсионии муттаҳид кардани саъю кӯшиши доираи васеи иштирокчиён–корхонаҳои саноатӣ, корхонаҳои инфрасохтори минтақавӣ, мақомоти маҳаллӣ, сохторҳои илмию таълимии минтақавӣ ва ғайра, барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ, таҳия ва татбиқи стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудааст"[15].

**Муқаррароти ҳафтуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, асоснокунии самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди инноватсионӣ ва технологии соҳаи саноат дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ. Асоси ин равандро таъмини иттилооттии ҷараёнҳои идоракунӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ, ки ба баланд гардидани самаранокии идоракунӣ ва суръат бахшидани рушди инноватсионии саноат мусоидат мекунанд, ташкил медиҳад.**

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки рушди саноати миллӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ба омилҳои гуногуни муҳити инноватсионӣ вобаста буда, онҳо бо мурури замон дар сатҳҳои алоҳидаи иқтисодиёт ташаккул меёбанд. Тақвият ва такмили раванди идоракунии рушди инноватсионӣ дар низоми саноатӣ метавонад тавассути муҳити созандаи инноватсионӣ, рушди инфрасохтори технологӣ ва рақамӣ, ҳамкории байни соҳаҳо ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия, ки метавонад тавассути кумакҳои молиявӣ, имтиёзҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ барои рушди саноат ва ташвиқи муҳити озод барои инноватсияҳо роҳандозӣ карда шавад.

Муаллиф қайд намудааст, ки бисёре аз минтақаҳои Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар таҳия ва мутобиқ кардани инфрасохтори зарурӣ барои рушди технологияҳои муосир, махсусан дар соҳаҳои саноат ва истеҳсолоти рақамӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд. Масалан, камии дастрасӣ ба интернети босифат ва ё хидматҳои таҳвили технологии зарурӣ дар минтақаҳо метавонад барои омодагии корхонаҳои саноатӣ ба технологиҳои инноватсионӣ монеа гардад. Маҳз ба далели норасоии инфраструктураи зарурӣ *(масалан, интернети босифат, дастрасии осон ба технологияҳои муосир ва хидматҳои иттилоотӣ)*,

корхонаҳо ва ширкатҳо наметавонанд технологияҳои инноватсионӣ ва самаранокро пурра ба кор баранд.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 13. – Ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот тавассути кластерҳо**

Аз ин рӯ, на ҳамаи корхонаҳо имкон доранд, ки инноватсияҳоро татбиқ ва истеҳсолоти худро ба сатҳи нави рақобатпазирии байналмилалӣ расонанд. Аммо бо талошҳои пайвастаи роҳбарияти олии кишвар барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ, ҳанӯз ҳам барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, ин марҳалаи рушд бояд масъалаҳои зерини ба ҳам

вобаста, ки ба рушди инноватсионӣ ва технологии соҳаи саноат дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ–саноатикунонии босуръат мусоидат мекунанд, ҳал карда шаванд:

–такмил додани заминаи институтсионалии ташаккул ва рушди экосистемаи инноватсионии миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ–ҳамчун заминаи бунёдии рушди инноватсия дар шароити саноатикунонии босуръат;

–такмили чораҳо ва механизмҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии интенсификатсияи фаъолияти инноватсионӣ, ки пеш аз ҳама, ба рушди саноати истеҳсолӣ, инноватсияи равандҳо ва маҳсулот нигаронида шудаанд;

–такмили низоми тайёр кардани кадрҳои дорои тафаккури эҷодӣ, ҷаҳонбинии технологӣ ва фаҳмиши стратегии инноватсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёт, зеро муҳаққиқи ватанӣ М.Файзуллоев қайд менамояд, ки: «…рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ташаккули сармояи инсонии дараҷаи олӣ дар асоси фаъолияти эҷодӣ нигаронида шавад»[21,–С.143];

–дар системаи таҳсилоти олӣ ва системаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ислоҳоти зарурӣ анҷом дода шавад, ки ба гузариш ба модели нави идоракунии онҳо нигаронида шудааст;

– донишгоххҳои технологӣ ва марказҳои тадқиқотӣ, инчунин, системаи маблағгузории илм ва тиҷоратӣ кардани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ;

–фондҳои махсусе, ки навовариҳои технологиро маблағгузорӣ мекунанд ва маблағгузории венчуриро ба амал мебароранд;

–таҳияи стратегияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи инноватсионии технологӣ;

– низоми бахисобгирӣ ва омори инноватсия ва фаъолияти инноватсиониро таҳия ва татбиқ намуда, инчунин системаи баходиҳӣ ва арзёбии рушди инноватсиониро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ таъсис диҳад;

– заминаи самарабахши ҳамкории илм, маориф ва соҳибкорӣ–ҳамчун асоси рушд ва навсозии системаҳои истеҳсолот таҳия карда шавад;

– инкишофи равандҳои гурӯҳбандии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, аз ҷумла саноат, махсусан, дар сатҳи минтақавӣ;

–гузаштан ба платформаҳои нави техникию технологии тараққиёти саноат, рақамкунонии саноат ва фаъолона васеъ ҷорӣ намудани комёбиҳои нав дар назария ва амалияи ташкил ва идоракунии сохторҳои истеҳсолӣ.

Бахшҳои асосии иқтисоди воқеии ҷумҳурӣ, ки дар онҳо рақамикунонӣ зарур аст, саноат ва энергетикаи барқӣ мебошанд. Дурнамои саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар ҷумҳурӣ ташаккули саноати пурмаҳсулро бо истифодаи васеи техникаи автономӣ ва системаи қабули қарорҳо ба таври афзалиятнок дар асоси таҳлили маълумоти калон пешбинӣ менамояд. Дар тамоми занҷираи ташаккули арзиш сенсорҳо, нишондиҳандаҳо ва воситаҳои таҳлилии пешқадаме, ки барои шаффофияти маълумот, гузаронидани тарҳсозии сенариявӣ ва қабули қарорҳо дар асоси онҳо имкон медиҳанд, ҷорӣ карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, ҷорӣ намудани техникаи автономӣ ва танзими ҷараёнҳои асосии истеҳсолӣ дар реҷаи автоматӣ имкон медиҳад, ки иштироки инсон маҳдуд карда шуда, сатҳи бехатарии истеҳсоли воситаҳо баланд бардошта шавад. Бо дарназардошти ин, нақшаи такмили раванди идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ оварда шудааст, ки то ба таҳия ва амалӣ кардани ташаббусҳои “сабз”-ро дар бар мегирад (ниг. ба расми 14).




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа

**Расми 14. – Нақшаи амал доир ба раванди идоракунии рушди инноватсионии саноатӣ**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки имрӯз мо дар як давраи бузурги рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ қарор дорем. Инқилоби рақамӣ, ки имрӯзҳо ҷаҳонро фаро гирифтааст, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонида, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро ба таври куллӣ тағйир додааст. Тоҷикистон аз таъсири чунин тағйирёбиҳои иттилоотӣ истисно намебошад. Бинобар ин, ба масъалаи рақамикунонии равандҳои иҷтимою иқтисодӣ ҳамчун зарурати объективӣ диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Бо ин мақсад "Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025"[5] тасдиқ карда шуда, дар доираи он мақсад гузошта шудааст, ки дар давраи муаяйни вақт то андозае масъалаи таъмини иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт миллӣ ҳаллу фасли худро пайдо намоянд.

Барномаи мазкур ба рушди инфрасохтори рақамӣ, пардохтҳои электронӣ, ҳукумати электронии рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар иқтисодиёт равона шудааст. Аз он ҷумла, мақсад гузошта шудааст, ки барои баланд бардоштани савод ва салоҳияти рақамӣ дар байни аҳолӣ корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Ҳарчанд дар ин самт баъзе пешрафтҳо мушоҳида мешаванд, аммо ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот вуҷуд доранд. Масалан, мавҷуд набудани инфрасохтори муосири рақамӣ, пурра таъмин набудани соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо техника ва технологияи муосири коммуникатсионӣ, сифати пасти хизматрасонии интернетӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар ва дигарон.

**Муқаррароти ҳаштуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, мукаммал гардонидани механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноат бо дарназардошти мутобиқ намудани онҳо бо принсипҳои иқтисодиёти “сабз”, ки имкон медиҳанд дар кишвар устувории экологӣ мувофиқ бо Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳифз карда шавад.**

Дар диссертатсия ба масъалаи экосистемаи рақамӣ, ки низоми мураккаб буда, аз унсурҳои гуногун асос ёфтааст, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Вазифаи асосии он мукаммал гардонидани раванди ҳамгироӣ дар байни субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо присинпҳои “боварӣ”, “эътимоднокӣ”, “бехатарӣ”, “самаранокӣ” ва дигар қоидаҳое, ки эҳтимол дар заминаи ишкишофи илм ва техника пайдо мегарданд, асос ёфтааст (ниг. ба расми 15).

Муаллиф иброз медорад, ки айни замон раванди ҷаҳонишавӣ бо яққатор мушкилотҳо рӯ ба рӯ гардидааст. Ифлосшавии муҳити зист дар натиҷаи зиёд гардидани газҳои гулхонавӣ яке аз ин мушкилот ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он зарурати мутобиқ гардонидани равнди истеҳсоли молу маҳсулотро бо принсипҳои иқтисодиёти “сабз” ба миён гузоштааст. Дар ин раванд зарур аст, ки ба омилҳои демографӣ низ диққати махсус зоҳир карда шавад. Бодарназардошти масъалаи дуюм ишора намудан лозим аст, ки айни замон аҳолии ҷаҳон беш аз пеш зиёд гардида, имрӯз зиёда аз 8 миллиард нафарро ташкил менамояд, ки дар натиҷа, ба зиёд гардидани истеъмолот ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва рӯз то рӯз ба бештар истифода гардидани сарватҳои зеризаминӣ оварда мерасонад.




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 15. – Сохтори экосистемаи рақамӣ**

Муаллиф таъкид намудааст, ки татбиқи инноватсия дар соҳаи саноат муносибати комплексиро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди "сабз" дар расми 16 нишон дода шудааст.

**Муқаррароти нуҳуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад коркарди “Консепсияи рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат” мебошад, ки он дар асоси брномаву стратегияҳои рушди инноватсионии саноат, ки дар он муносибати ҳамаҷониба ва иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илм ва ҷомеа) қарор гирифта, барои коркарди механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ ва институтсионалии рушди инноватсионӣ мусоидат менамояд.**

Ба андешаи муаллиф, дар марҳалаи муосири рушд мутобиқ кардани низоми саноатӣ ба принсипҳои иқтисоди “сабз” тақозои таълимоти рушди устувор аст. Вобаста ба ин, харитаи роҳ, ҳамчун механизми идоракунии рушди инновастиони ва роҳнамои асосӣ якчанд марҳалаҳо ва қадамҳои муҳимро дар бар гирифта, метавонанд ба корхонаҳои саноатӣ дар гузариши осон ба модели иқтисоди “сабз”, коҳиш додани таъсири онҳо ба муҳити зист ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар баробари стандартҳои нави экологӣ ва татбиқи самараноки принсипҳои иқтисоди “сабз” мусоидат намояд (ниг. ба расми 16).




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

**Расми 16. – Механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз”**

Тавре аз расми 16 дида мешавад, муайян намудани ҳадафҳои асосӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф, навсозии таҷҳизот, истифодаи технологияҳои автоматикунонӣ ва рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ афзалиятҳои худро дорад. Бинобар ин, харитаи мутобиқ кардани соҳаи саноат ба принсипҳои иқтисоди "сабз" бояд ба шароити мушаххаси кишвар ё минтақа мутобиқ карда шавад, ки принсипҳои мазкур метавонанд асоси ҳар як стратегияи рушди устуворро ташкил диҳанд.

Татбиқи консепсияи иқтисоди "сабз" дар саноат муносибати ҳамаҷониба ва иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор: сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илм ва ҷомеаро тақозо мекунад. Ин на танҳо як қадам барои беҳбуди вазъи экологӣ, балки имкони таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани самаранокии энергия ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои байналмилалӣ мебошад. Муҳим аст, ки консепсияи иқтисоди "сабз" дар ҳама сатҳҳо, аз корхонаҳои алоҳида то сиёсати давлатӣ амалӣ карда шавад. Дар ин радиф, давлат нақши калидӣ дар татбиқи консепсияи иқтисодиёти "сабз" дар соҳаи саноат дорад, ки аз ҷиҳати таъмини стратегияҳои дуруст, қонунгузорӣ, ҳавасмандсозӣ ва мониторинг ба мақсад мерасад. Бо кумак ва ҳидоятҳои дуруст, кишвар метавонад ба ташкили саноатҳои устувор ва экологӣ мусоидат кунад, ки на танҳо муҳити зистро муҳофизат мекунад, балки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатро низ таъмин мекунад (ниг. ба расми 17).

Дар диссертатсия омадааст, ки  дар самти иқтисоди "сабз" роҳбарияти олии кишвар устуворона ва ҳадафмандона қадам гузошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар ин самт пешсаф мебошад. Зеро дилхоҳ мамлакат манфиатдор аст, ки рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва иқтисоди "сабз"-ро доро бошад. Маҳз саноатикунонии босуръати кишвар боис мегардад, ки то соли 2030 ҳиссаи саноати мамлакат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ  (ММД) ба сатҳи 30 фоиз ва вазъи қиёсии соҳаҳои коркард бошад, дар сохтори саноат аз нишондиҳандаи ниҳоии сатҳи байналмилалӣ (70 фоиз) ба сатҳи 75,5 фоиз расонида шавад. Махсусан, барои 15 соли минбаъда миқдори маблағгузории «Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" барои солҳои 2023–2037" ба маблағи 21,6 млрд. сомониро пешбинӣ менамояд, ки марҳалаҳои он давра ба давра оварда шудааст (ниг. ба расми 17)




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа

**Расми 17. – Консепсияи рушди иқтисоди сабз дар соҳаи саноат**

Дар ин самт, роҳи дигари рушди саноати миллӣ ва истифодаи бештари иқтидорҳои истеҳсолии он, кооператсия ва ба роҳ мондани муносибатҳои васеи ҳамкории истеҳсолӣ байни корхонаҳо барои истеҳсоли якҷояи маҳсулоти муайян ва ё фармоиши қисмҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда тавассути шартномаҳо мебошад, ки алҳол дар сатҳи дилхоҳ нест. То ҳол садҳо навъи қисмҳои эҳтиётӣ, ки истеҳсоли онҳо дар дохили Тоҷикистон имконпазир аст, аз хориҷи кишвар харида мешаванд. Бо дарназардошти ин, принсипҳои татбиқи иқтисоди «сабз» дар асоси омӯзиши “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037” [7] нишон дода шудааст (ниг. ба ҷадвали 13).

**Ҷадвали 13. – Принсипҳои татбиқи иқтисоди «сабз»**

| № | Самти рушди устувор | Принсип |
|---|---|---|
| 1 | **Иқтисодӣ** | Интернализатсияи самараи беруна (принсипи «муҳитро вайронкунанда пардохт менамояд» бо роҳи ҷорӣ намудани андози «сабз» ва равона намудани он ба сифати кумаки молиявии «сабз») |
| 2 | **Иҷтимоӣ** | - шуғли «сабз»;<br>- мукаммалгардонии идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани масъулияти «экологӣ»<br>- таъмини баробарӣ, софкорӣ ва адолат байни наслҳо;<br>- беҳтар гардонидани сифати зиндагӣ: кам кардани камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволӣ, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба неъматҳо |
| 3 | **Экологӣ** | - ҳифзи гуногунии биологӣ ва экосистемаҳо;<br>- сарфаҷӯйии захираҳо ва самаранокии энергия;<br>- дарки маҳдудияти захираҳо ва камчинии неъматҳои табиӣ ва хизматрасониҳои экологӣ дар кураи Замин. |
| 4 | **Дигар** | - маблағгузории «сабз»<br>- равияи комплексӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисоди «сабз»;<br>- ченкунии дастовардҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои хос (берун аз доираи ММД) |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси омӯзиши [7].

Рамзист, ки корхонаҳои хурд ҳам вазифаҳои иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро иҷро менамоянд, ки бо зиёдшавии иқтидори инноватсионӣ соҳаи мазкурро устувор мегардонанд. Махсусан, тибқи маълумоти оморӣ солҳои охир шумораи корхонаҳои хурд зиёд хоҳанд шуд.

Сарватҳои табиӣ қисми муҳимми элементҳои муҳити табиӣ буда, яке аз роҳҳои беҳтар намудани соҳаи саноати миллӣ мебошанд, ки онҳо дар раванди истеҳсолоти моддӣ истифода бурда мешаванд. Аз онҳо бевосита ашёи саноату маҳсулоти истеъмолӣ, қувваи барқ ва ғайра, истеҳсол менамоянд, ки тавассути амалишавии “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” ин марҳалаҳо тезонида мешаванд.

Мусаллам аст, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон барои давраи дарозмуддат барномаю стратегияҳои махсус қабул гардидаанд. Дар онҳо вазифа гузошта шудааст, ки то соли 2030 партовҳоро ду баробар коҳиш дода, то соли 2050 дар сатҳи сифрӣ тамоман безарар гардонида шаванд. Чунки саноати миллӣ рушди

устувори иқтисодӣ боиси некуаҳволии мардум гардида, зиндагии шоистаро барои ҳар як сокини сайёраи Замин муҳайё намояд ҳам, вале, мутаассифона, дар ҳолати истифода нагардидани технологияҳои муосири камзарар ва ё безарар, дар раванди истеҳсоли ба рушди экологӣ таъсири бевосита мерасонад.

Лозим ба таъкид аст, ки ворид намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» ба раванди инноватсионӣ тағйирот дар равишҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракуниро талаб мекунад.

**Муқаррароти даҳуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, коркарди муаллифии харитаи роҳ дар соҳаи саноат метавонад ҳамчун роҳнамои асосӣ барои гузариш ба иқтисоди «сабз» хидмат намуда, ба шароит ва имкониятҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардида, инчунин, барои ҷорӣ кардани таҷрибаҳои беҳтарин дар рушди иқтисодии кишвар истифода мешавад.**

